*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№18 (12502)
1 майи
соли 2025

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj



**Дар даврони соҳибистиқлолӣ мо бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додем. Зеро мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

**ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ**

## Хатлон: вусъати сохтмони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ

Бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони шаҳру вилоятҳои мамлакат вазифадор шудаанд, ки зимни пешбурди корҳо бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар масъалаи бунёди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ масъулияти бештар зоҳир намуда, корҳои сохтмони ин гуна муассисаҳоро суръат бахшанд. Дар ин робита, имсол дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 16 муассисаи таҳсилоти томактабии давлатӣ ва хусусӣ ба истифода дода мешавад. Дар шаҳри Кӯлоб сохтмони 1 адад, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 1, Қубодиён 2, Данғара 3, Темурмалик 4 адад, дар умум, 11 муассисаи таҳсилоти томактабии давлатӣ идома дорад. Инчунин, дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Шаҳритус, Данғара, Темурмалик ва Муъминобод 1-ададӣ муассисаҳои хусусии томактабӣ сохта мешавад.

Бунёди ин муассисаҳо дар доираи «Барномаи рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», ки ҳадаф аз татбиқи он фарогирии бештари кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ, дастрасӣ ба таҳсили босифат, таъмини шарикии бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ мебошад, ба нақша гирифта шудааст. Тибқи ин барнома, заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ беҳтар гардонида шуда, шартҳои ташкили муассисаҳои таълимии хусусӣ бо ҷалби соҳибкорон ба соҳаи маориф мукаммал мегардад.



Айни замон дар ҳудуди вилояти Хатлон, дар маҷмуъ, 177 муассисаи томактабӣ фаъолият менамояд, ки аз ин шумора 18 ададаш муассисаҳои томактабии хусусӣ мебошанд. Ҳамзамон, дар вилоят 1268 маркази инкишофи барвақтии кӯдак бо фарогирии 4077 гурӯҳ фаъолият дошта, дар онҳо 84 ҳазору 144 кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст. Дар маҷмуъ, дар вилоят 105 ҳазору 463 нафар кӯдак дар зинаи таҳсилоти томактабӣ таълим мегиранд.

## Бунёди бинои нави мактаб дар Қаратоғ

Дар деҳаи Шӯрхоки Ҷамоати деҳоти Қаратоғи шаҳри Турсунзода сохтмони бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №36 идома дошта, ҷавобан ба ғамхориҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ дар бунёди бинои нави муассиса сокинон ва фаъолони деҳа низ ба тариқи ҳашари дастҷамъона саҳм мегузоранд. Бинои нави таълимӣ аз 8 синфхона бо 192 ҷойи нишаст иборат мебошад. Ҳоло таҳкурсии бино бунёд гардида, корҳои ҳамворкунии саҳни он идома дорад. Тибқи иттилои масъулин, бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ва саҳми сокинони деҳаи Шӯрхок бинои нави муассиса бо сифати баланд ва сари вақт мавриди истифода қарор мегирад.

**ДАР ИН ШУМОРА:**

Мушкилот бартарафшавандаанд 3



Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон – омили муттаҳидии ҷомеа 5

Таҳаввули худогоҳии ҷавонон 6



Технологияи рақамӣ дар таълим 7

ФАРМОИШИ ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН Дар бораи сари вақт омода намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025 – 2026 8-9

Ҷойгоҳи «Шоҳнома» дар эҳёгарии шарқӣ 10

## ТАВАҶҶУҲ

**Агар хоҳед, ки аз навовариҳои соҳаҳои маориф ва илм огоҳ бошед, асноду ҳуҷҷатҳои соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз дастовардҳои хонандагони тоҷик иттилоъ ёбед, маводу матолиби судмандро доир ба соҳа мутолиа намоед, ҷолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз биомӯзед, пас ба саҳифаи расмии вазорат дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram – «Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» пайваст шавед.**

**QR – коди саҳифаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram**

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj

Телефон барои тамос: 225-81-55

*Ҳар он кас, ки гардад зи роҳи хирад,*
*Саранҷом печад ба кирдори бад.*
*Абулқосими Фирдавсӣ*



НАБЗИ МАОРИФ



# Қадамҳои устувор дар рушди соҳа

**25 апрели соли 2025 дар меҳмонхонаи «Hilton»-и шаҳри Душанбе ҷаласаи навбатии Гурӯҳи маорифи маҳаллӣ (LEG – Local Education Group) бо иштироки вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовинони вазири маориф ва илм, сафири Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Раймундас Кароблис, роҳбари намояндагии ЮНИСЕФ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Артур Ван Дизен, роҳбари дафтари ТІКА дар шаҳри Душанбе Иброҳим Унал, директори ташкилоти ҷамъиятии «Иқтисод ва маориф» Шодибек Қодиров, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм ва зерсохторҳои он, сардорони раёсати маорифи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, мудирони шуъбаҳои маориф, шарикони рушд ва дигар кормандони соҳаи маориф баргузор гардид.**

Дар оғози ҷаласа вазири маориф ва илм қайд намуд, ки ҷаласаи Гурӯҳи маорифи маҳаллӣ (LEG) платформаест, ки масъалаҳои соҳаи маорифро якҷоя бо шарикони рушд мавриди баррасӣ қарор медиҳад. То кунун дар самтҳои гуногуни соҳаи маориф, аз қабили фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ, боло бурдани сатҳи таълиму тарбия, муҷаҳҳазгардонии кабинетҳо ва озмоишгоҳҳои фаннӣ ва дигар самтҳои соҳа дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд корҳои зиёде ба анҷом расидаанд.

Дар идома сафири Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари намояндагии ЮНИСЕФ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари дафтари ТІКА дар шаҳри Душанбе, директори ташкилоти ҷамъиятии «Иқтисод ва маориф» ва дигар намояндагони шарикони рушд доир ба паҳлуҳои гуногуни соҳаҳои маориф ва илм ва вусъати ҳамкориҳо бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози андеша намуданд.

Гуфта шуд, ки Тоҷикистон яке аз аввалин мамлакати аъзои Шарикии глобалӣ дар соҳаи маориф мебошад, ки баррасии миёнамуҳлати Созишномаи шарикии «Компакт»-ро ба анҷом расонидааст. Ҳамзамон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар самти ислоҳоти соҳаи маориф корҳои зиёдеро анҷом дода, рӯз аз рӯз ҳамкориҳо дар доираҳои лоиҳаҳои гуногун вусъат меёбанд.

Дар ҷаласа масъалаҳои зиёде, аз ҷумла, таҳқиқоти арзёбии миллии дастовардҳои таҳсилии хонандагон оид ба нишондиҳандаҳои тағйирёбанда, ҳамкориҳои ТИКА (ТІКА) дар соҳаи маорифи кишвар, низоми баҳогузории 10-хола ва меъёри арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагони муассисаи таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаррифии қисмати тағйирёбандаи Лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳилаи II), муаррифии Нақшаи кории ТЕЧФОЭД (Tech4Ed) барои тасдиқ аз ҷониби шарикони ДИСИСИ/ЛЭГ (DCC/LEG), муаррифии Нақшаи чорабиниҳои Низоми ахборотии идоракунии маориф, раванди таҳияи Кодекси маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷагирӣ аз фаъолияти ташкилоти байналмилалӣ ГУД НЕЙБОРС (Good Neighbors), боло бурдани сифати таҳсилот, муҷаҳҳазгардонии синфхонаҳои таълимӣ, татбиқи лоиҳаҳои босамар дар соҳаи маориф, нашри китобҳои дарсӣ ва маводҳои таълимӣ, сохтмони муассисаҳои таълимӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ва дигар масъалаҳои соҳаи маориф мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар фарҷоми ҷаласа ҳамаи ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳои судманд ва дастгирии ҳамаҷонибаи ислоҳоти соҳаи маориф таъкид намуданд.

*Маркази матбуоти*
*Вазорати маориф ва илми*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# Ҷамъбасти арзёбии байналмилалии PISA



**25 апрели соли ҷорӣ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сабзалӣ Ҷаъфарзода, роҳбари Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо «Кумаки техникӣ ба соҳаи маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» Штефан Зеверт, сафири Иттиҳоди Аврупо Раймундас Кароблис ва коршиноси Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо оид ба таҳсилоти миёнаи умумӣ Айгул Казжанова дар ҷамъбасти арзёбии байналмилалии PISA, ки 2 апрели соли 2025 дар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе оғоз гардида буд, дар Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи Умари Хайём»-и ноҳияи Синои пойтахт иштирок намуданд.**

Вазири маориф ва илм зимни ҷамъбаст бо иштирокдорони арзёбии мазкур суҳбат анҷом дода, иброз дошт, ки шумо аввалин хонандагоне мебошед, ки дар арзёбии байналмилалии PISA иштирок намуда, маорифи миллииамонро дар миқёси ҷаҳонӣ бо натиҷаи ин арзёбӣ ҳимоя мекунед.

Иттилоъ дода шуд, ки арзёбии байналмилалии PISA бо фарогирии 6300 хонанда дар 160 муассисаи таълимии шаҳри Душанбе аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли ҷорӣ ба таври расмӣ гузаронида мешавад.

Ёдовар мешавем, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 бо Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба озмоиши хурди ин арзёбиро дар 71 муассисаи таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе бо фарогирии 2272 нафар хонандаи синну соли аз 15,3-16,2-сола аз 6-уми май то 21-майи соли 2024 гузаронид. Озмоиши он заминаи муҳим ҷиҳати иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Барномаи байналмилалии арзёбии хонандагон – PISA-2025 буд. Барномаи байналмилалии арзёбии хонандагон – PISA омӯзиши байналмилалие мебошад, ки соли 2000 оғоз шудааст. Ҳадафи он баҳодиҳии низоми таълим дар саросари ҷаҳон тавассути санҷиши малакаҳо ва донишҳои таълимгирандагони 15-сола дар кишварҳои ширкаткунанда мебошад. Аз соли 2000 беш аз 90 кишвар дар барномаи байналмилалии арзёбии хонандагон – PISA-2025 ширкат варзиданд.

ПИРӮЗӢ

# Ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявӣ қадрдонӣ шуданд

**25 апрели соли 2025 дар «Кохи Сурӯш» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик маросими ҷоизасупории ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон», «Олими сол» ва «Магистранти сол» бо иштироки вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайдулло Қувватзода, намояндагони вазорату идораҳо, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, намояндагони ниҳодҳои дахлдор, иштирокчиёну ғолибони озмунҳои болозикр ва дигар кормандони соҳаи маориф ва илм баргузор гардид.**

Дар ибтидо вазири маориф ва илм аз дастовардҳои вазорат дар самти илм ёдовар шуда, қайд кард, ки дар партави сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон», «Олими сол», «Магистранти сол» ва дигар озмунҳои илмӣ барои рушди илми тоҷик омили таъсиррасон ба ҳисоб мераванд. Вазорати маориф ва илм пайваста ҷиҳати таъмини шароит ва дастгирии раванди таҳқиқоти бунёдӣ, кашфиёту ихтироотии илмӣ, истеҳсолоти ватанӣ, баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинӣ ва маънавиёти мардум, ба талаботи замон ва стандартҳои илми ҷаҳонӣ ҷавобгӯ намудани он аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода мебарад.

Сипас ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон», «Олими сол» ва «Магистранти сол» бо гирифтани диплому ифтихорномаҳо ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ шуданд.

Озмуни ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» миёни донишҷӯён, магистрантон, докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD) ва унвонҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, дар он аз 48 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 25 муассиса корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ихтироотӣ донишҷӯёну магистрантон ва унвонҷӯёну докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD)-ро дар ҳаҷми 187 кори илмӣ ва лоиҳаи ихтироотӣ пешниҳод намуданд.

Дар озмунҳои «Магистранти сол» аз 32 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ 20 кори озмунӣ ва «Олими сол» миёни омӯзгорон ва олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 48 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва 23 муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ 80 ҳуҷҷат аз рӯйи 10 равия пешниҳод гардид.

Тибқи хулосаву баҳогузории комиссияи экспертии озмун кори беҳтарини илмию тадқиқотӣ ва лоиҳаҳои ихтироотии донишҷӯёну магистрантон, унвонҷӯёну докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD) ва олимон муайян гардида, сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва ифтихорнома дониста шуданд.




Ҳамзамон, як қатор кормандони соҳаҳои илму маориф бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон», «Ифтихорнома» ва «Сипоснома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи илми тоҷик сарфароз гардиданд.

Дар охир аз ҷониби устодони санъат ва ҳунармандони ҷавон ҷиҳати фароғати иштирокдорони чорабинӣ барномаи фарҳангӣ баргузор гардид.

**Имконоти сайёҳии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея муаррифӣ гардид.**

НАБЗИ МАОРИФ

# Мушкилот бартарафшавандаанд

**26 апрели соли 2025 дар шаҳри Ваҳдат таҳти раёсати вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илм баргузор гардид.**

Дар кори ҷаласа аъзои ҳайати мушовара, муовини вазири маориф ва илм, сардорон ва кормандони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва муассисаҳои тобеи вазорат, сардори раёсати маориф, мудирони шуъбаҳои маориф, муовинони раисон ва директорони муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва дигар шахсони масъул ширкат доштанд.



Нахуст вазири маориф ва илм ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илмро оид ба вазъи иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ, таъминот бо кадрҳои педагогӣ, китобҳои дарсӣ, сатҳу сифати дониши хонандагон ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои Лахш, Тоҷикобод, Рашт, Роғун, Ваҳдат, Турсунзода, Ҳисор, Рӯдакӣ, Файзобод, Варзоб ва Шаҳринав оғоз карда, ҳозиринро ба рӯзномаи ҷаласа ва масъалаҳои ҷории баррасишаванда шинос намуд. Вазири маориф ва илм иброз дошт, ки мақсади баргузор намудани ҷаласаи мушовараи сайёри имрӯзаи Вазорати маориф ва илм татбиқи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасии вазъи иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ, таъминот бо кадрҳои педагогӣ, китобҳои дарсӣ, сатҳу сифати дониши хонандагон ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошад.

Дар идомаи гузориши сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илм Шарофиддин Асомиддинзода «Оид ба вазъи иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ, таъминот бо кадрҳои педагогӣ, китобҳои дарсӣ, сатҳу сифати дониши хонандагон ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои Лахш, Тоҷикобод, Рашт, Роғун, Ваҳдат, Турсунзода, Ҳисор, Рӯдакӣ, Файзобод, Варзоб ва Шаҳринав» шунида шуд.

Зимни баррасии масъалаҳо раиси ҷаласа таваҷҷуҳи асосиро ба масъалаҳои вазъи иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ, таъминот бо кадрҳои педагогӣ, китобҳои дарсӣ, сатҳу сифати дониши хонандагон ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ, мақоми омӯзгор, фарогирӣ ба зинаи таҳсилоти томактабӣ, ташкили марказҳои инкишофи кӯдак дар назди муассисаҳои таълимӣ, фарогирии пурраи хонандагон ба зинаи сеюми таҳсилот, сохтмони муассисаҳои таълимӣ, зиёд кардани шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, риояи талаботи ҳуҷҷатгузорӣ дар муассисаҳои таълимӣ, иштироки хонандагону омӯзгорон дар дарс, аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани омӯзгорон, вазъи муассисаҳои таълимӣ дар давраи зимистони соли 2025, пешниҳоди маълумоти омории дуруст оид ба норасоии кадрҳои педагогӣ, ҳозиршавии омӯзгорони ҷавон ба ҷойи кор, таъмини хонандагон бо китобҳои дарсӣ ва пардохти маблағи иҷораи китобҳои дарсӣ, пешгирии ҷиноятқорӣ аз ҷониби ноболиғон, баланд бардоштани сифати таҳсилот, риояи санадҳои меъёрии батанзимдарорандаи соҳа, дастгирии омӯзгорони ҷавон, омӯзиши забони давлатӣ, омӯзиши забонҳои русиву англисӣ, иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва дастгирии омӯзгорони онҳо, риояи талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» равона карда, ба масъулин ҷиҳати иҷрои ҳатмию саривақтии стратегия, барнома, консепсия, қарорҳои ҳайати мушовара ва фармоишҳои вазири маориф ва илм, супоришҳои қатъӣ дод.

Сипас муовини раиси шаҳри Ваҳдат Мирзозода Баҳриддин иброз дошт, ки камбудиҳои ишорашуда дар самти соҳаи маорифи шаҳри Ваҳдат ошкоргардида, масъулини шаҳр тамоми саъю кӯшиши худро барои бартараф намудани онҳо равона месозанд ва дар муддати кӯтоҳтарин мушкилиҳои ҷойдошта ҳалли худро меёбанд.

Дар охир вазири маориф ва илм иброз дошт, ки ҷиҳати босифат иҷро намудани дастуру супоришҳои маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар яки мо вазифадорем, фарзандонамонро хононем, илму дониш, касбу ҳунар ва забон омӯзонем, аз истифодаи техникаву технологияҳои муосир бархурдор намоем, ба зиндагии мустақилона ҳаматарафа омода созем, ҳамчун шахсиятҳои худшиносу худогоҳ, масъулиятшинос ва ватанпарвару заҳматдӯст ба камол расонем, дар замони ҳассоси ҷаҳонишавӣ сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро ҳифзу эҳтиёт кунем ва барои ҳимояи истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон ҳамеша кӯшишу талош намоем.

# Дурнамои илм дар мактабҳои олӣ

**23 апрели соли 2025 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Рушд ва дурнамои илм дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ» баргузор гардид.**

Зимни ифтитоҳи конференсия муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода иброз намуд, ки истиқбол аз Рӯзи илми тоҷик арҷгузорӣ ба заҳмати олимону муҳаққиқон ва таҳкими нақши илм дар ҷомеа мебошад. Маҳз тавассути густариши фаъолияти илмӣ метавонем рушди устувори соҳаҳои мухталифро таъмин намоем ва неруи зеҳнии кишварро самаранок истифода барем.

Муовини якуми вазири маориф ва илм таъкид дошт, ки Истиқлоли давлатӣ рушди фаъолияти босамари ҳамаи сохторҳои ҷамъиятии кишварро таъмин намуда, болоравии сатҳу сифати зиндагии аҳолиро давра ба давра таъмин намуда истодааст. Маҳз бо шарофати ин неъмати бузург ба сиёсати созандаю ободкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар пояҳои давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд мустаҳкам гардида, Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мавқеъ ва нуфузи худро боло бурд. Таъкидҳои пайвастаи Роҳбари давлат дар Паём ва вохӯриҳояшон бо аҳли зиё ва маърифат, эълон гардидани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», идомаи баргузории Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», оғози Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат», таъсиси ҷоизаҳои давлатӣ, баланд гардидани маблағгузории стипендияҳо аз ҷумлаи корҳоеанд, ки минбаъд идома меёбанд, ки дар пешрафти илм ва фановарӣ дастури саривақтӣ мебошад.

Дар идомаи ҳамоиш иҷрокунандаи вазифаи сардори раёсати илм ва инноватсия Аҳмадҷон Раҳмонзода дар мавзуи «Илми мактаби олӣ: мушкилот ва дурнамо», доктори илмҳои техникӣ ва муовини ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Заррина Яминзода дар мавзуи «Нақши Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар тавсеаи фазои илмии кишвар» ва доктори илмҳои филологӣ Фаёзҷон Турсунов дар мавзуи «Ҳидоятҳои Пешвои миллат дар таҳкими неруи забондонӣ ва бозсозии методологияи таълим» суханронӣ намуданд.

Гуфта шуд, ки татбиқи амалии сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм ва инноватсия тибқи талаботи ҷаҳони муосир ва иқтисодиёти миллии кишвар ба роҳ монда шуда, таъмини соҳаҳои иқтисодиёти иҷтимоии ҷумҳурӣ бо кадрҳои илмӣ, пайванди натиҷаҳои илм бо истеҳсолот, ҳамоҳангсозии корҳои навовариву ихтироъкорӣ дар ҷумҳурӣ, дастгирии неруи илмӣ самти афзалиятнок дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ дониста шудааст. Масъалаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ ҳамеша зери таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат қарор дошта, як мавзуи муҳим ва қобили таваҷҷуҳ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ эътироф гардидааст. Маҳз таваҷҷуҳ ва талошҳои рӯзафзуни Сарвари давлат имконият фароҳам овардааст, ки дар давоми чанд соли охир як қатор мушкилоти соҳаи илму маориф роҳи ҳалли худро пайдо намуда, заминаи муҳимме барои пешрафти соҳа муҳайё гардад.

Конференсия бо музокираҳои фаъол ва мубодилаи афкор байни иштирокчиён идома ёфт. Мавзуъҳои муҳимми марбут ба рушди илм, ҳамкорӣ байни низоми муассисаҳои таълимию илмӣ ва такмили низоми таълими илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар ҷамъбаст иштирокчиён пешниҳодҳо ва тавсияҳои худро барои боз ҳам беҳтар гардонидани фазои илмии кишвар баён намуданд.

*Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# Фаъолияти вазорат густариш меёбад

**22 апрели соли ҷорӣ таҳти раёсати муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода ҷаласаи навбатии назоратӣ баргузор гардид. Дар он муовинони вазири маориф ва илм, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат ва роҳбарони муассисаҳои тобеъ иштирок намуданд.**

Дар оғоз муовини якуми вазир ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуда, изҳор дошт, ки таҳти таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҷашн гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳои муҳим амалӣ шуда истодааст.

Зимни ҷаласа рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои ҷашн гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.07.2022, №305) ва Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илм дар ин замина (фармоиши ВМИ ҶТ аз 20.07.2022, №1058) мавриди муҳокима қарор гирифт.

Масъалаҳои муҳимме чун сохтмони муассисаҳои нави таълимӣ, тарғибу ташвиқи мазмун ва моҳияти Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути воситаҳои ахбори омма, баргузор намудани конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, семинар, мизи мудаввар, вохӯриҳо вобаста ба мавзуи Истиқлол ва нақши он дар рушду нумуи кишвар, фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ, ободониву тозагии гирду атрофи муассисаҳо, ташкили чорабиниҳои фарҳангиву илмӣ, таҳия ва ба табъ расонидани китобҳои «Истиқлолияти давлатӣ ва рушди таҳсилот дар Тоҷикистон» ва «Рушди маориф дар 35 соли Истиқлоли давлатӣ», бештар намудани ихтисосҳои нав ва серталабот дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, густариши ҳамкориҳо ба давлатҳои пешрафтаи дунё, таҳсили донишҷӯёни тоҷик дар хориҷи кишвар, ташвиқу тарғиби дастовардҳои соҳаи маориф, чопи мақолаҳои илмӣ ва таҳлилию тарғиботӣ, инчунин, баргузории конференсияҳо ва вохӯриҳо бо ҷалби аҳли илму маориф баррасӣ гардиданд.

Дар фарҷом муовини якуми вазири маориф ва илм ҷиҳати иҷрои саривақтии Нақшаи чорабиниҳои ҷашн гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, ташвиқи мазмун ва моҳияти Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути воситаҳои ахбори омма, вусъат бахшидани корҳои созандагиву ободонӣ ва боло бурдани сифати таълиму тарбияи насли наврас ба масъулон дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Соли 2025 панҷ ҳазор истироҳатгоҳи Тоҷикистон барои фароғати тобистонаи кӯдакон ва наврасон омода карда мешаванд.

*Ҳамеша хирадро ту дастур дор,*
*Бад-ӯ ҷонат аз носазо дур дор!*

*Абулқосими Фирдавсӣ*



БАРРАСӢ

# Ҷаласаи навбатии ҳайати мушовара

**29 апрели соли 2025 дар Вазорати маориф ва илм таҳти раёсати муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода ҷаласаи навбатии ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Нахуст муовини якуми вазири маориф ва илм ҷаласаро оғоз карда, ҳозиринро ба рӯзномаи ҷаласа ва масъалаҳои ҷории баррасишаванда шинос намуд.

Сипас гузоришҳои сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Шамсиддин Саъдуллозода оид ба вазъи иҷрои «Тартиби баргардонидани маблағҳое, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои тайёр намудани мутахассисон харҷ шудаанд» ва ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Наврӯз Мирзозода доир ба рафти иҷрои «Талаботи моддаи 51-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» оид ба гузариш ба низоми сесолаи такмили ихтисос» шунида шуд.

Зимни баррасии масъалаҳои мазкур раиси ҷаласа иброз дошт, ки таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар соҳаи маориф маҳсуб ёфта, он ба раванди бомаром ва муваффақонаи таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон алоқаманд аст.

Боиси тазаккур аст, ки ҳамасола дар асоси талабот ва пешниҳоди сарраёсату раёсат ва шуъбаву бахшҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ эҳтиёҷоти кадрҳои соҳаи маориф ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод карда мешавад. Соли таҳсили 2024-2025 вобаста ба эҳтиёҷоти кадрӣ, ки 4301 нафарро ташкил медод, аз ҳисоби хатмкардагони зинаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ 3168 нафар ба ҷойи кор фиристода шуданд.

Ҳамзамон, гузариш ба низоми сесолаи такмили ихтисос ҷиҳати ба роҳ мондани курсҳои онлайнӣ, фосилавӣ, омехта ва худомӯзӣ барои рушду малакаи омӯзгорон ва тавсеаи маорифи миллӣ омили таъсиррасон ба ҳисоб меравад.

Дар идома гузориши директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ Наврӯзи Ҷумъамурод оид ба китоби дарсии «BIOCHEMISTRY» («Биохимия» бо забони англисӣ) барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, китоби дарсии «Анатомия человека (книга для стоматологов. Том 1 – 2)» барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, китоби дарсии «Асосҳои назариявии амнияти иттилоотӣ» барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, китоби дарсии «Гуногунии олами набототи Тоҷикистон» барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар китобҳои дарсиву маводҳои таълимӣ шунида шуд.

Бо дарназардошти ироаи таклифу пешниҳодҳои аҳли толор вобаста ба масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардид.

Дар охир муовини якуми вазири маориф ва илм дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин доир ба иҷрои ҳатмию саривақтии стратегия, барнома, консепсия, қарорҳои ҳайати мушовара ва фармоишҳои вазири маориф ва илм, азнавсозии системаи иттилоотии соҳаи маориф, пардохти ғайринақдии иҷораи китобҳои дарсӣ, боло бурдани сифати таълиму тарбия, фарогирии бештари кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ, иштироки бештари хонандагону омӯзгорон дар озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, нашр ва бознашри китобҳои дарсӣ ва чанде дигар дастуру супоришҳои мушаххас дод.

НИЗОМИ НАВ

# Роҳ ба сӯйи маорифи пойдор ва муосир

**23 апрели соли равон дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи гурӯҳи корӣ доир ба гузариш ба низоми 10-холаи баҳогузорӣ дар соҳаи маориф баргузор гардид, ки дар он муовини вазири маориф ва илм Равшан Каримзода, сардорони раёсату шуъбаҳои дахлдори вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ ва дигар кормандони соҳаи маориф иштирок намуданд.**

Дар ҷаласа муовини вазири маориф ва илм қайд кард, ки гузаштан ба низоми нави баҳогузорӣ тақозои замони муосир буда, моро мебояд, ки ҷиҳати амалӣ шудани низоми нави баҳогузорӣ чораҳои таъхирнопазир андешем.

Гуфта шуд, ки санҷидан ва арзёбӣ кардани дониш ва маҳорату малакаҳои хонандагон дар раванди таълим яке аз муҳимтарин омилҳои рушди зеҳнӣ, бедор кардани шавқу рағбати кӯдакон барои фарогирии дониш ва аз ҷиҳати маънавӣ ҳавасманд гардонидани онҳо ва аз воситаҳои муҳимми назорати падару модарон нисбат ба фаъолияти таълимии фарзандон мебошад. Маҳз тавассути баҳогузорӣ дониши хонанда арзёбӣ мегардад ва падару модарон ба воситаи он раванди донишазхудкунии фарзандонро назорат карда, бо омӯзгорон ва муассисаи таълимӣ ҳамкорӣ менамоянд. Бинобар ин, ҷиҳати идомаи ислоҳот дар ин самт Вазорати маориф ва илм омӯзишу озмоишро ба роҳ монда, барои амалӣ намудани онҳо гурӯҳҳои корӣ таъсис намуд. Гурӯҳҳои корӣ дар 140 муассисаи таълимӣ низоми баҳогузории мазкурро роҳандозӣ намуда, аз ҳисоби омӯзгорону кормандони соҳа тренерони маҳаллӣ омода гардиданд. Қадами баъдӣ омода намудани омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ аз тариқи семинарҳо ва пурра роҳандозӣ намудани низоми болозикр дар соли хониши 2025-2026 мебошад.

Дар охир раиси ҷаласа қайд намуд, ки фароҳам овардани шароити муосири таълим ва гузариш ба низоми бисёрхолаи баҳогузорӣ ба мутобиқ намудан бо стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот роҳ ба сӯйи маорифи пойдор ва муосир мебошад.

*Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

ПЕШРАФТ

***Пешрафти ҳар як кишвар ба низоми илму маориф ва сатҳи саводнокии ҷомеаи он робитаи ногусастанӣ дорад. Маҳз сатҳи дониш ва саводнокии аҳли ҷомеа пойдории ҳар давлату миллатро дар саҳифаҳои таърихи инсоният ҳифз менамояд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини давлатдории миллӣ дар баробари таъмини сулҳу субот ва амнияти ҷомеа ба рушди илму маориф ҳамчун соҳаҳои афзалиятнок таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд.***

# Рушди илм ва инноватсия дар замони истиқлол

Пешвои миллат дар суханрониҳои худ борҳо зикр намудаанд: «Илм ва маориф омили муҳимтарини наҷоти миллат ва таҳкими давлат аст». Ин суханҳои хирадмандона, маорифпарварона, ватандӯстона далели рӯшани эътибору таваҷҷуҳи махсус ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҷомеа, омода намудани мутахассисони баландихтисос, азхуд намудани техникаву технологияи муосир, баланд бардоштани худшиносиву худогоҳӣ ва шинохти асолати давлатдории тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Аз ин ҷост, ки чанд соли охир озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» баргузор мегардад.

Тавре дар Паёми Пешвои миллат (28.12.2024) таъкид гардид, ҳоло дар мамлакат 724 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 152 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст, ки аз ин шумора даҳҳо лоиҳа ба соҳаи илм равона гардидааст.

Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат аз соли 2001 то соли 2019 дар сохтори Академияи миллии илмҳо бо роҳи азнавташкилдиҳӣ муассисаҳои нави илмиву таҳқиқотӣ – пажуҳишгоҳҳои масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология, иқтисод ва демография, фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ, Маркази илмии Хатлон, Маркази Синошиносӣ дар назди Пажуҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ таъсис дода шуданд.

Ҳамчунин, таъсиси Пажуҳишгоҳи омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо, Маркази мероси хаттӣ, Маркази инноватсионии рушди илм ва технологияҳои нав, Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионӣ ва Маркази омӯзиши пиряххои Тоҷикистон нишони рушди илм ва инноватсия дар солҳои охир мебошанд. Ҳоло АМИТ узви баробарҳуқуқи даҳҳо муассисаи бонуфузи илмии ҷаҳонӣ мебошад.

Истиқлоли давлатӣ шароит фароҳам овард, ки таҳқиқи илмии дастовардҳои моддиву маънавӣ, мероси фарҳангӣ ва таърихи куҳанбунёди тоҷикон вусъати бесобиқа пайдо кунад, миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун миллати тамаддунсозу фарҳангсолор, эҷодкору илмпарвар ва шаҳрсозу шаҳрнишин муаррифӣ гардад.

Барои нақши арзишманд дар рушди илм, маориф ва фарҳанг, таҳкими робитаҳои илмии байналмилалӣ ва анҷом додани корҳои муштараки илмиву таҳқиқотӣ беш аз 40 нафар олими Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз тарафи ташкилоту созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ бо ҷоизаву унвонҳо ва мукофотҳои байналмилалӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Ба хотири ҳавасмандгардонии олимон ва пешрафти илму маориф дар кишвар унвонҳои фахрии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон ва Корманди шоистаи Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Ҳамчунин, Ҷоизаи Президенти Тоҷикистон дар соҳаи маориф, ҷоизаҳои давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ба номи Абуалӣ ибни Сино дар соҳаҳои илм ва техника, Ҷоизаи давлатӣ барои олимону омӯзгорони фанҳои табиӣ ва риёзӣ, ҷоизаҳои давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ, ба номи академик Бобоҷон Ғафуров барои олимони ҷавон таъсис ёфтааст.



Тадбирҳои зикргардида далели равшани ғамхориву дастгирии давлатӣ нисбат ба аҳли илму маориф мебошад. Эълони солҳои 2020 – 2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» аз таваҷҷуҳи рузафзун ба илмҳои бунёдист.

Бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати мамлакат чор маротиба «Номгӯйи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар ва тасдиқ карда шуд.

Бо мақсади суръат бахшидан ба рушди инноватсионӣ ва саноатикунонии кишвар соли 2021 Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 қабул гардид.

Ҳамин тариқ, рушди илм ва инноватсия аз ҳар як нафар, бахусус, аз кормандони марказҳои илмиву тадқиқотӣ ва омӯзгорони мактабҳои оливу таҳсилоти умумӣ тақозо мекунад, ки донандаи хуби касбу соҳаи худ бошанд, аз технологияҳои инноватсионӣ самаранок истифода намоянд ва ихтироъкориву навоварӣ, ки асоси пешрафти давлату ҷомеа мебошад, саҳмгузор бошанд.

*Некрӯз МУМИНЗОДА, сармутахассиси раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Дар шаҳри Ҳисор миёни муҳассилини мактаб ва литсейю коллеҷҳои шаҳр маҳфил-озмуни «Тоҷикистони ман!» баргузор гардид.**

ИҚДОМОТИ БАШАРДӮСТОНА

# Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон – омили муттаҳидии ҷомеа





Дар ҷаҳони муосир таҳкими дӯстӣ ва ваҳдати байни миллатҳо аз масъалаҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеш меравад, дар ин самт таҷрибаи бой ва шоистаи таҳсин дорад.

Пас аз ба даст овардани истиқлол Тоҷикистон бо мушкилоти зиёд, аз ҷумла, ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардид. Бо талошҳои Пешвои миллат сулҳу субот барқарор шуд ва ҷомеа ба рушди устувор қадам гузошт.

Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамкории дӯстона бо кишварҳои ҳамсоя ва ҷаҳон мавқеи хос дорад. Пешвои миллат бо ташаббусҳои созандаи худ дар созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Ҳамкории Шанхай ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамеша барои таҳкими ҳамкорӣ ва дӯстӣ миёни халқу миллатҳо кӯшиш мекунанд. Муносибати дӯстона бо кишварҳои ҳамсоя, махсусан, бо Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Чин натиҷаи ин сиёсати хирадмандона мебошад. Бо талошҳои Пешвои миллат, Тоҷикистон ташаббускори як қатор иқдомҳои муҳимми байналмилалӣ гаштааст:

**Ҳалли масъалаҳои об.** Сарвари Тоҷикистон бо пешниҳоди солҳои байналмилалии ҳифзи захираҳои об дар СММ («Соли байналмилалии оби тоза» – 2003, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» – 2005-2015 ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» – 2018-2028) ҷомеаи ҷаҳониро барои ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти об даъват намуданд.

**Мубориза бо таҳдидҳои ҷаҳонӣ.** Тоҷикистон бо ташаббусҳои худ дар самти муқовимат бо терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир фаъолона ширкат варзида, ба таҳкими амният ва субот дар минтақа ва ҷаҳон мусоидат мекунад.

**Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи экология.** Пешвои миллат борҳо масъалаи ҳифзи пиряхҳо ва таъсири тағйирёбии иқлимро дар арсаи байналмилалӣ матраҳ намуда, пешниҳодҳои муҳим барои коҳиши оқибатҳои манфии он ироа кардаанд. Маҳз бо ташаббус ва пешниҳоди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон гардид.

Яке аз муҳимтарин ташаббусҳои Пешвои миллат дар таҳкими дӯстии халқҳо ҷаҳонишавии Наврӯз мебошад. Бо талошҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз ҳамчун ҷашни ҷаҳонӣ дар Созмони Милали Муттаҳид ба расмият пазируфта шуд.

Наврӯз на танҳо як ҷашни миллист, балки воситаи муҳимми таҳкими дӯстии халқҳо мебошад. Ҳар сол дар Тоҷикистон ҷашнвораҳои наврӯзӣ бо иштироки намояндагони кишварҳои гуногун баргузор мегарданд. Таҷлили ҷашни Наврӯзи имсола дар шаҳри Хуҷанд як рӯйдоди муҳим ва хотирмон буд. Дар ин ҷашни бошукӯҳ сарони кишварҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон иштирок карданд. Ҳамоиши мазкур на танҳо як ҷашни миллӣ, балки нишонаи равшани дӯстӣ ва ҳамкории байни кишварҳо гардид. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар ин ҷорабинӣ боз ҳам таъкид намуданд, ки Наврӯз омили муҳимми таҳкими дӯстӣ ва сулҳ дар минтақа мебошад.

Яке аз ташаббусҳои охирини Пешвои миллат эълони «Даҳсолаи таҳкими дӯстии халқҳо ба хотири наслҳои оянда» мебошад. Ин ташаббус ҳам бо мақсади рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, таҳкими сулҳ ва дӯстӣ байни халқҳо равона шудааст. Тоҷикистон бо ин иқдом ба ҷаҳониён паёми ваҳдат ва ҳамраъйиро мерасонад.

*Саидшоҳи САФАРХОН,*
*омӯзгори кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикии ДДБ ба номи Носири Хусрав*

БАРДОШТ АЗ ПАЁМ

# Ҳидоятҳои созанда



Президенти кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ (28.12.2024) масъалаҳои мубрами ҷомеаро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Зимни ироаи Паём Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба пешбурди самараноки сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роху нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, илму маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд. Дар ин дастури раҳнамо ба ташаккули худшиносӣ ва равнақ додани тарбияи насли наврас ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии омӯзгорон диққат дода шуд.

Ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ иншооти зиёди маишию фарҳангӣ дар саросари ҷумҳурӣ бунёд мешаванд. Сарвари давлат ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт солҳои 2025-2030-ро «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон доштанд.

Пешвои миллат баробари дигар соҳаҳо дар Паём ба масъалаи бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ, ки яке аз ҳадафҳои стратегии давлат мебошад, дахл намуданд ва зикр карданд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар соҳаҳои иқтисоди кишвар беш аз 4,1 миллион ҷойи корӣ таъсис дода шуд. Дар зимн, дастур доданд, ки бо мақсади танзими самараноки бозори меҳнат, рушди иқтисодиёти иҷтимоӣ дар панҷ соли оянда беш аз 1 миллиону 400 ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шавад.

Дар Паём зикр гардид, ки дар як соли охир 4 маркази касбомӯзию хизматрасонӣ ва рушди малакаҳо бунёд ёфтааст ва сохтмони чунин ду маркази дигар идома дошта, онҳо соли оянда ба истифода дода мешаванд. Марказҳои зикршуда дар як сол метавонанд зиёда аз 8000 нафар сокини мамлакатро ба касбомӯзӣ ва забономӯзӣ фаро гиранд.

*Фирдавс ОДИНАЕВ,*
*мутахассиси пешбари раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Ҳисор*

РИСОЛАТ

# Омӯзгорӣ ифтихормандист

**Ҳар кас дар зиндагӣ ба касбу пешае рӯ меорад, ки на танҳо василаи ризқу рӯзӣ, балки маънии ҳастиаш мешавад. Вақте омӯзгор мегӯям, дар қалбам эҳсоси ифтихор ва масъулияти бузург пайдо мегардад, зеро омӯзгорӣ маънои роҳнамоию тарбиятгарӣ ва хидматгорӣ ба ҷомеаро дорад.**

Омӯзгорӣ яке аз муқаддастарин пешаҳоест, ки аз қадим дар ҷомеаи инсонӣ мақоми баланд дошта, чун падар, модар ва раҳнамо маънидод мешавад.

Дар фарҳанги қадимаи миллати тоҷик омӯзгорро бо унвонҳои «устод», «сарвар», «пир», «раҳнамо» ва ҳатто «падар» ёд кардаанд.

Шоирони барҷастаи тоҷику форс Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигарон омӯзгорро ҳамчун нурбахшу роҳнамо ва такмилбахши камолоти инсонӣ ситоиш кардаанд.

Ҷомеае, ки ба омӯзгор арҷ мегузорад ва барои ин замина фароҳам меорад, бешубҳа, пешрафтаву мутамаддин аст. Маҳз омӯзгор аст, ки бо меҳру муҳаббати беинтиҳо ва заҳмати шабонарӯзӣ наслеро тарбия менамояд, ки фардои кишварро бунёд хоҳад кард. Вақте шогирдон ба комёбиҳо мерасанд, муваффақ мешаванду номи омӯзгорони худро ёд мекунанд, аз ин дастовард омӯзгорон меболанду ифтихор мекунанд.

Ифтихор мекунам, ки омӯзгорам ва рисолати бузургро бар дӯш дорам. Новобаста ба он ки имрӯз дар вазифаи идоравӣ қарор дорам, ҳамеша бо омӯзгорони ҷавон ҳамкорӣ менамоям, машварат бо муаллимон, тарҳрезии барномаҳои таълимӣ ва назорат ба раванди таълим ва амсоли инҳоро бо масъулияти баланди омӯзгорӣ анҷом медиҳам. Шогирдонамро барои омӯзиши илму дониш роҳнамоӣ мекунам, ба онҳо на танҳо хондану навиштан, балки андешидану таҳлил кардан, масъулият доштан ва ватандӯст буданро меомӯзам. Бояд қайд кард, ки омӯзгор на танҳо дониш медиҳад, балки фарҳанг ва ҳувияти миллиро дар замири муҳассилин ташаккул медиҳад. Дар замони пуртаҳаввули ҷаҳони муосир, омӯзгор барои ҳифзи арзишҳои миллӣ, забон, таърих ва фарҳанг масъулияти баландро бар дӯш дорад.

Омӯзгор бо забон, амалу гуфтор намунаи ибрати шогирдон аст. Агар омӯзгор ҳангоми тадрис бо муҳаббат дарс гузарад, он дониш бо меҳру садоқат омезиш ёфта, дар дили садҳо шогирд маъво мегирад. Волидайн дар рӯйи замин офарандаи инсон аст, омӯзгор бошад, офарандаи маърифату маънавият. Барои ҳамин ҳам, омӯзгорон бо волидайн шабоҳати маънавӣ доранд.



Омӯзгорӣ касбест, ки бо меҳр оғоз мешавад, бо фидокорӣ идома ва бо эҳтироми мардум такмил меёбад. Дар ҷомеа омӯзгоронро ҳамчун сутунҳои маърифат мешиносанд. Мо - омӯзгорон ҳар қадаме, ки дар роҳи илму маърифат мебардорем, ба фардои дурахшони ҷомеа замина фароҳам меорад. Аз ин рӯ, омӯзгорӣ маънои миллатсозӣ, фарҳангпарварӣ ва инсонпарвариро ифода мекунад.

*Беҳрӯз АМИРУЛЛОЗОДА,*
*мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Сино*

Дар ДТТ таҳти унвони «Нақши ихтирооту навоварӣ дар рушди иқтисоди миллӣ» конференсия баргузор гардид.

*Хирад парварад ҷони донандагон,*
*Хирад раҳ намояд ба хонандагон.*
*Абулқосими Фирдавсӣ*



НЕРУИ ТАВОНО

# Таҳаввули худогоҳии ҷавонон

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарбияи кӯдакону наврасон ва ҷавононро дар руҳияи арзишҳои суннатию башарӣ яке аз вазифаҳои муҳимми имрӯзуояндаи давлат ва ҷомеа дониста, масъалаҳои демографӣ ва танзими оиларо ҳамчун омили асосии ҷомеаи солим ба миён гузоштаанд, ки роҳу усули самараноки амалӣ намудани онҳо дар «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Тарбияи насли наврас, махсусан, ҷавонон яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти мардуми тоҷик ва ҷаҳони муосир ба шумор рафта, аз ҳалли дурусти он пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мардуми давлатҳои дунё вобастагии калон дорад. Тарбияи ҷавонон аз муҳит ва шароити ҷамъият вобастагии зич дорад. Агар муҳит созанда бошад, ҷавон солимфикр ба воя мерасад, агар ҷавон дар муҳити носолим ба воя расад, пас аз ӯ умеди созандагӣ ба нафъи кишвар намудан душвор аст. Тарбияи ватанпарварию дӯстӣ ҳамеша аз муҳимтарин талаботи ҷомеа маҳсуб меёбад. Худи Ватан аз зодгоҳ, аз остонаи хонаи падар оғоз меёбад. Дар ботини кӯдак ин ҳиссиёт бо аввалин шеъру таронаҳои дар ин мавзуъ аз забони калонсолон ҳанӯз дар хонаву кӯдакистон шунида пайдо мешавад. Баробари болоравии синну сол ин эҳсос меафзояд ва кӯдак рӯз ба рӯз бузургии Ватанро дарк карда, онро бо одамонаш, бо кӯҳу водӣ ва табиаташ дӯст медорад. Ба синну соли наврасӣ қадам гузоштан воситаи муҳимми ташаккули сифатҳои худогоҳии хонандагони синни миёнаи мактабӣ мебошад.



Наврас ба муносибатҳои олами иҳотакарда, ки ба ҳамаи калонсолон хос аст, ворид шуда, худро ҳамчун шахс эътироф мекунад. Ӯ бо хоҳиши том ҳаёт, зисту зиндагии калонсолонро омӯхта, бо ҳамин мазмуни нави худогоҳиро нисбат ба рафтору кирдори худ ва дигарон пайдо мекунад. Баҳодиҳӣ ва худбаҳодиҳии ӯ низ мазмуни ҳақиқиро мегирад.

Тасаввуроти мактаббачагони хурдсол дар бораи худ ва худбаҳодиҳии ӯ ба шахси худаш агар дар асоси муҳокимаронии падару модар ва ё муаллим пайдо шавад, онҳо дар бораи хусусиятҳои шахсияшон фикр мекунанд. Вале дар наврасӣ хонандагон нисбат ба донишандӯзӣ шавқу ҳавас пайдо карда, дар бораи ояндаи худ ва ҳавасу орзуҳояшон бештар фикр мекунанд. Шароити номусоиде, ки солҳои аввали истиқлол ба вуҷуд омад, пеш аз ҳама, боиси халалдор шудани таълиму тарбияи ҷавонон гардид. Ин авзои номатлуб ба зудӣ тавонист ба ҷомеа, хосса, ба наврасону ҷавонон таъсири амиқ гузорад, аз ҷумла, сатҳу сифати таълиму тарбияро коҳиш диҳад. Аз ин рӯ, ба корҳои ношоиста даст задани ҷавонон ва дигар зуҳуроти номатлуб авҷ гирифт. Бархе ҷавонон ба ҳар гуна равияҳои бегона, хурофотпарастӣ, манфиатҷӯӣ рӯй оварданд ва ин амалҳои номатлуб сабабгори вайрон шудани ахлоқи ҷомеа гардиданд. Бинобар ин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми кишвар бо мақсади пеши роҳи чунин амалҳоро гирифтан омилҳои мавҷударо пайдо намуданд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз ин ҷумла аст. Дар доираи талаботи қонуни мазкур имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ бо ҷалби падару модарони хонандагон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вохӯриҳо гузаронида мешаванд. Аз ин лиҳоз, боварӣ дорем, ки минбаъд падару модарон ба таълиму тарбияи фарзандонашон диққати ҷиддӣ медиҳанд ва бо ин роҳ ба ҷинояту ҷинояткорӣ ва корҳои ношоиста хотима мегузоранд.

Барои он ки мардуми мо, хусусан, ҷавонон, маърифати созанда дошта бошанд, бояд ҳар як идораву муассиса, ҳар як фарди дилогоҳу ватандӯст, ҳар кадоми мо даст ба дасти ҳам ниҳем ва дар ҳамбастагӣ онҳоро аз ҷодаи торикию гумроҳӣ то шоҳроҳи мунаввар ҳамроҳӣ намоем, сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи аҳолӣ, махсусан, насли наврас амалӣ намоем. Тарбияи наврасону ҷавонон вазифаи ҳар як фарди ҷомеа ва муассисаву ниҳодҳои иҷтимоӣ мебошад. Барои он ки қонуну тартиботи ҷамъиятӣ то меъёри муайян риоя карда шавад, бояд робитаи падару модарон бо муассисаҳои таълимие, ки фарзандонашон дар онҳо таҳсил доранд, мустаҳкам карда шавад. Ин амал, агар аз як тараф, ба кам шудани сатҳи ҷиноят дар байни наврасону ҷавонон мусоидат кунад, аз тарафи дигар, ба риоя шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» оварда мерасонад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд: «Ҷавонон бояд сабақҳои истиқлолро ҳамаҷониба омӯзанд, аз равандҳои сиёсати имрӯзаи кишвар огаҳ бошанд, таърихи гузаштаву ҳозираи халқи худро гаштаю баргашта азхуд карда, аз Ватан, миллат, забон ва фарҳанги худ ифтихор намоянд». Маҳз дар замони Истиқлоли давлатӣ рушду ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тафаккури созандаи ҷавонон судман андешида шуд, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон», «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020» ва ғайра ба тасвиб расиданд.

Ҷавонони мо бояд ба қадри тинҷию амонӣ, ободиву оромӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ бирасанд, шукргузорӣ аз неъмати бебаҳои истиқлоли сиёсӣ намоянд.

*Шарифамо ЛАТИФОВА,*
*омӯзгори МТМУ №13-и шаҳри Кӯлоб*

ТАЪЛИМ

## Омили шавқмандии хонандагон

**Усули тадрис, бахусус, дар машғулиятҳои адабиёт, ки пайваста бо донистан ва шинохтани инсон равона аст, бояд шогирдонро бештар ба соҳибмухторӣ равона созад. Ба хонанда вазъияте фароҳам оварда шавад, ки дар дабистон озодона фанни дӯстдоштаашро бихонад ва ҳамеша машғул бошад. Ба он бовар дошта бошад, ки дар оянда тавассути донишҳои азхудкардааш хидмати халқу Ватанро ба ҷо оварда метавонад.**



Тарбия намудани хислатҳои қаҳрамонӣ ва далерӣ, вафодорӣ ва фидокорӣ, меҳнатдӯстӣ, муҳаббат ба халқу Ватан, ҳурмату эҳтиром, хоксорӣ, доноӣ, тавоноӣ, ростгӯӣ ва ростқавлӣ унсурҳои муҳимми тарбия буда, дар адабиёти бадеӣ ба воситаи образҳои равшан, фаҳмо ва аниқ таҷассум ёфтаанд. Табиист, ки инсон агар заминаи мустаҳкам ва пойдории илму фарҳанг надошта бошад, эҷодкор шуда наметавонад. Унсурмаолии Кайковус дар «Қобуснома» нақши баланд доштани илму ҳунарро дар таълими фарзанд чунин оварда аст: «Ҳаққи фарзанд омӯхтан дон аз фарҳангу дониш. Фарзандро меросе беҳ аз адаб нест ва фарзандони оммаро меросе беҳ аз пеша нест».

Омӯзгор махсусиятҳои адабиёт, методҳо ва усулҳои таълим, хонишу омӯзиш, ҷараёнҳо ва сабкҳоро бояд фарқ карда тавонад. Ӯ дар таълиму тадрис соҳибихтиёр аст. Халқ фарзандони худро бовар карда, ба омӯзгор месупорад, ба боварии халқ танҳо бо меҳнати ҳалол сазовор шудан мумкин аст.

Ҳар омӯзгор бояд барномаи ягонаи инкишофи нутқ дошта бошад ва нақшаи солонаи ҳар як синфро муайян созад. Омӯзгорон бояд дар хотир дошта бошанд, ки агар таҳлил якранг бошаду аз синф ба синф аз сода ба мураккаб шакл нагирад, оид ба пешрафту маҳорати хонанда фикр ҳам карда наметавонад. Пас, лозим меояд, ки дар синфҳо тариқи дараҷабандӣ аз осон ба душвор, аз сода ба мураккаб бурдани фаҳмиш ва дарки шогирдони мактабӣ низоми асосии таълими шеър дар мактабҳои имрӯза бошад.

Хулоса, дар тарбияи насли наврас мавқеи таълими порчаҳои шеърӣ хеле муҳим аст. Зеро маҳз тавассути он одамӣ мероси бойи таърихию фарҳангӣ, гузаштаву имрӯзаи кишвар, дӯст доштани Ватани муқаддас, некию некукорӣ, ростгӯию ростқавлӣ ва одобу сифатҳои ҳамидаи инсониро аз бар мекунад. Дар синфҳои ибтидоӣ хеле муҳим аст, ки дар бобати таълими дурусти порчаҳои шеърӣ ба хонандагон ёрдамчии бохирад, маслиҳатгари боэътимод, шахси аз илму фарҳанг бархӯрдор дасти мадад дароз намояд, ки он ҳам, бешак, омӯзгор аст.

*Санавбар ФАЙЗИЗОДА,*
*омӯзгори МТМУ №37-и ноҳияи Мастчоҳ*

МАЪНАВИЯТ

## Маориф дар меҳвар

**Соҳаи маориф дар кишвари мо афзалиятнок эълон шудааст ва ба рушди он таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Мардуми тоҷик барои сазовор истиқбол гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарбаландӣ ва талошҳои созанда омодагӣ мебинад.**

Дар баробари ба истифода додани мактабҳои нав сатҳу сифати таълиму тарбияи хонандагон, шароит барои фаъолияти пурсамари омӯзгорон торафт беҳтар мешавад. Аз ин рӯ аҳли маорифи кишвар саъю кӯшиш, дониш, таҷриба ва маҳорати худро барои тарбияи шоистаи насли наврас, баланд бардоштани сатҳу сифати дониши хонандагон равона мекунанд.

Вобаста ба ин, зарурати таҳияи усулҳои таълимии беҳтар натиҷаовар бо дарназардошти рушди зеҳнии кӯдак ба миён меояд. Барои ин, пеш аз ҳама, худи муаллимон бояд аз навигариҳои соҳа бохабар бошанд ва дониши худро мунтазам такмил диҳанд, ихтисоси худро баланд бардоранд.

Дар баробари ин, мо бояд аз таҷрибаю осори судманди ниёгон, мутафаккирон ва олимони бузургамон огоҳ бошем, зеро дар асарҳои онҳо ба тарбияи фарзанд диққати ҷиддӣ дода шудааст. Дар пешрафти маориф заноне, ки дар ин соҳаи муҳим фаъолият мебаранд ва ба таълиму тарбияи насли наврасi ояндасоз машғуланд, саҳми арзанда доранд.

Соли ҳафтум аст, ки дар мамлакат бо ибтикори Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор мешавад. Ин озмун барои дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, баланд бардоштани завқи китобхонӣ миёни ҷомеа ва даҳҳо масоили марбут ба худогоҳию худшиносии ҷомеаи Тоҷикистон нақши шоиста мегузорад.

Вобаста ба ҷараёни Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» сомонаи Вазорати маориф ва илм ба таври доимӣ фаъол мебошад ва раҳнамоии ҳамешагии тамоми иштирокдорону ҳаводорони озмун махсуб мешавад.

Мо, кормандони соҳаи маориф, тамоми дониш, таҷриба ва неруи худро барои амалӣ намудани тавсияву дастурҳои Сарвари давлат, тарбияи шоистаи наврасону ҷавонони ояндасози мамлакат равона мекунем.

*Анвар ТУРСУНОВ,*
*сармутахассиси раёсати маорифи вилояти Суғд*

**Дар Ҷумҳурии Мардумии Чин Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.**

ТАҲСИЛОТ ВА ЗАМОН



# Технологияи рақамӣ дар таълим

Технологияи рақамӣ дар таҳсилоти муосир нақши муҳим мебозад. Он имкон медиҳад, ки шаклҳои нави ҳамкории байни омӯзгорон ва донишҷӯён эҷод карда шавад. Барои фардикунонии таълим, ки дар шароити таълими омма, махсусан муҳим аст, фароҳам меорад. Илова бар ин, технологияи рақамӣ ба рушди малакаҳои зарурӣ дар ҷаҳони муосир, аз қабили тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ ва қобилияти мустақилона омӯхтан мусоидат мекунад. Таҳкурсиҳои муосири таълимӣ, аз қабили Moodle, Google Classroom ва Coursera барои ташкили раванди таълим доираи васеи имкониятҳоро фароҳам меоранд. Ин платформаҳо, инчунин, воситаҳои коммуникатсионӣ, ба монанди форум ва чатҳоро пешниҳод мекунанд, ки ба ҳамкории фаъол байни иштирокчиёни раванди таълим мусоидат менамоянд. Масалан, Moodle яке аз маъмултарин таҳкурсиҳои идоракунии омӯзиш (LMS) мебошад. Он асбоби фасеҳро барои эҷоди омӯзишҳо, идоракунии мундариҷа ва арзёбии донишҷӯён таъмин мекунад. Google Classroom дар навбати худ бо дигар хидматҳои Google ҳамгиро шуда, онро барои истифода дар муассисаҳои таълимӣ, коллеҷҳо ва донишгоҳҳо муфид мегардонад. Coursera дастрасиро ба бахшҳои донишгоҳҳо пешкаш мекунад, ба донишҷӯён имкон медиҳад, новобаста аз он ки дар куҷое бошанд, маълумоти босифат ба даст оранд. Синфхонаҳои амалӣ (виртуалӣ) ба монанди Zoom ва Microsoft Teams ба доираи назари ҷудонашавандаи омӯзиши фосилавӣ табдил ёфтаанд. Дарсҳои назариявӣ ва амалӣ дар вақти воқеӣ гузаронида мешаванд ва робитаи интерактивӣ байни омӯзгорон ва донишҷӯён таъмин мегардад. Маводи интерактивӣ ба рушди омӯзиши мустақилона ва малакаҳои тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунад. Масалан, китобҳои дарсии электронӣ аксар вақт унсурҳои ҷолибро, аз қабили биноӣ, шунавоӣ ва супоришҳоро бо аксуламали фаврӣ дар бар мегиранд.

Афзалият ва мушкилоти ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ дар раванди таълим:

**1. Дастрасии таҳсилот.** Технологияи рақамӣ таҳсилро барои одамон дастрас мекунад. Омӯзишҳои маҷозӣ ва синфхонаҳои ҷолиб ба мо имкон медиҳанд, ки новобаста аз ҷойгиршавии ҷуғрофии худ маълумот гирем. Махсусан, барои одамоне, ки дар манотиқи дурдаст зиндагӣ мекунанд ё кишварҳое, ки захираи таҳсилотии маҳдуд доранд, муҳим аст.

**2. Интерактивӣ ва ҷалб.** Маводҳои омӯзишии интерактивӣ ва бозӣ раванди омӯзишро шавқовар ва муҳассилинро ҳавасманд мекунанд.

**3. Фардикунонии омӯзиш.** Системаҳои мутобиқшавӣ имкон медиҳанд, ки раванди таълим ба ниёзҳои инфиродии ҳар як донишҷӯ мутобиқ карда шавад. Ин, махсусан, дар шароити тарбияи оммавӣ аҳаммияти калон дорад, ки омӯзгорон ба ҳар як хонанда ҳамеша диққати зарурӣ дода наметавонанд.

**4. Самаранокӣ.** Воситаҳои рақамӣ ташкили раванди таълимро содатар намуда, онро барои ҳамаи иштирокдорон дастрас ва мусоид мегардонанд.

Технологияи рақамӣ дар соҳаи маориф на танҳо як тамоюл, балки шарти зарурии омодасозии мутахассисони муосир мутобиқ ба имкониятҳои ҷаҳонӣ мебошад.

***И. ШАРИФХОНЗОДА,***
***сармутахассиси бахши назорат ва таъмини сифати таҳсилоти Коллеҷи тиббии ноҳияи Ёвон***

ҒАМХОРӢ

# Кӯдакон –ояндаи ҷомеа

**Ҳукумати кишвар ҷиҳати фароҳам сохтани шароити мусоид барои кӯдакон мунтазам саъю талош менамояд, то кӯдакон ҳамеша дастгирӣ ёбанд, ҳуқуқҳояшон ҳифз шавад, дар муҳити созгор ба камол расанд ва ворисони сазовори ин сарзамин гарданд.**

Ояндаи дурахшони давлати миллиро насли солим, яъне, кӯдакон муайян менамоянд. Кӯдакон сарвати бебаҳои ҳар як оила ва ҷомеаву Ватан ба шумор мераванд. Солимии кӯдакон орзуи ҳар як падару модар аст.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълиму тарбияи фарзандонро аз рисолати наҷиби падару модар ва вазифаи муқаддаси ҷомеа ҳисобида, таъкид медоранд: «Мо вазифадорем, ки наврасону ҷавононро дар руҳияи арҷгузорӣ ба илму маърифат, худшиносию худогоҳӣ ва ватандӯстию ватанпарастӣ тарбия кунем, то ки онҳо ворисони ҳақиқии ин давлату миллат буданашонро ботинан эҳсос намоянд ва барои ободии сарзамини аҷдодии хеш огоҳона саъю талош варзанд».

Инчунин, падару модаронро зарур аст, ки баҳри таълиму тарбияи фарзандон масъулияти хешро сарбаландона иҷро намуда, барои соҳибмаърифат гардидани онҳо саҳмгузор бошанд. Зеро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» моро вазифадор менамояд, ки дар таълиму тарбияи фарзандон масъулияти бештар эҳсос намоем.

Дар Тоҷикистон бо мақсади таъмини ҳифзи иҷтимоии кӯдакон тадбирҳои мушаххас андешида мешавад. Дар ин самт аз ҳама масъалаи мубрам ба таҳсили пурраи доимӣ фаро гирифтани кӯдакону наврасон ба ҳисоб меравад.

Ҳоло як қатор санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, Конвенсияи созмони ҷаҳонии меҳнат оид ба барҳам додани шаклҳои вазнини меҳнати кӯдакон ва монанди инҳо барои ҳифзи ҳаёт ва инкишофи кӯдакон заминаи устувор фароҳам овардаанд. Аммо, ҳанӯз ҳам дар дунё теъдоди зиёди кӯдакон ба мушкилоти ҷиддии иқтисодиву иҷтимоӣ дучор гардидаанд. Омори хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид дар ҷаҳон шаҳодат медиҳад, ки беш аз нисфи ноболиғон дар хонаводаҳое умр ба сар мебаранд, ки дар онҳо хушунати ҷисмониву равонӣ ҷой дорад.

Воқеан ҳам, кӯдакону наврасонояндасозони Ватан мебошанд. Меҳру муҳаббат ва таваҷҷуҳи мо ба онҳо бояд афзун бошад ва баҳри фароҳам овардани шароит барои рушду камолоти онҳо ҳамвора талош намоем. Зеро давлатро танҳо нафарони соҳибкасбу бомаърифат обод мекунанд ва пешрафту оромии ҳар ҷомеа аз сатҳи донишу ихтисосмандӣ ва фарҳангу ҷаҳонбинии афроди он вобаста аст.

Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки барои таҳсилу омӯзиши илму дониши кӯдакон, бахусус, илмҳои табииву риёзӣ, забонҳои хориҷӣ, истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ, шароити мусоид фароҳам орем, то бо ахлоқи ҳамидаву дорои донишу ҷаҳонбинии пешрафта ба камол расанд ва барои пешрафти бештари кишвари азизамон саҳми босазо гузоранд.

***Гулчеҳра САМАДОВА,***
***сармураббии ширхоргоҳи 98-и шаҳри Душанбе***

РОҲНАМО

# Муҳовараи мухтасари забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ

***(Барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм)***

| Тоҷикӣ | Русӣ | Англисӣ | Овонавишт |
|---|---|---|---|
| ОСОРХОНА – МУЗЕЙ - MUSEUM | | | |
| Ба ман санъати тасвирии муосир писанд аст. | Мне нравится современное искусство. | I like modern art. | [aɪ laɪk 'mɒdən ɑ:t] |
| Ин мусаввара аз ҷониби рассоми маъруф кашида шудааст. | Эта картина была нарисована известным художником. | This picture was made by famous painter. | [ðɪs piktʃə wɒz meid baɪ feɪməs peɪntə] |
| Шунидам, ки дирӯз дар осорхона будед. | Я слышал, что Вы вчера были в музее. | I heard that you have been to a Museum yesterday. | [aɪ hɜ:d ðæt ju: hæv bi:n tə æ mju:'zɪəm 'jɛstədɪ] |
| Ба ман расмҳои ӯ писанд аст. | Мне нравятся его портреты. | I like his portraits. | [aɪ laɪk hiz pɔ:trɪts] |
| Биёед, болопӯшҳоямонро ба либосхона месупорем. | Давайте сдадим куртки в гардероб. | Let's leave our jackets in the cloakroom. | [lets li:v aʊə dʒækits in ðə 'kləʊkˌru:m] |
| Оё шумо ягон маротиба дар ҷашнвораи мусиқӣ будед? | Вы когда-нибудь были на музыкальном фестивале? | Have you ever been to a music festival? | [hæv ju: evə bi:n tə æ mju:zik festivəl] |
| Бале, дар якчандтояш будам. | Да, я побывал в нескольких. | Yes, I have been to several ones. | |
| Дар шаҳрамон театри хеле зебо ҳаст. | У нас в городе есть очень красивый театр. | We have a very beautiful theatre in our town. | [wi: hæv æ veri bi:ju:tiful 'θɪətə in aʊə taʊn] |
| Чӣ гуна намоишномаҳоро он нишон медиҳад? | Какие спектакли он показывает? | What kind of performances does it show? | [wɒt kaɪnd ɒv pə'fɔ:məns dʌz it ʃoʊ] |
| Театри Лоҳутиро дидан мехоҳам. | Я хочу посетить театр Лохути. | I want to visit Lohuty theatre. | [aɪ wɒnt tu: ˈvɪzɪt Lɒhuti ˈθɪətə] |
| ИДҲО – ПРАЗДНИКИ - HOLIDAYS | | | |
| Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон | День Вооружённых сил Республики Таджикистан | Armed Forces Day, Tajik National Army Day | [ɑ:md ˈfɔ:sɪz deɪ], [ˈtɑ:dʒɪk ˈnæʃnəl ˈɑ:mɪ deɪ] |
| Рӯзи Модар, Рӯзи ҷаҳонии занон | День матери, Международный женский день | Mother's Day, International Women's Day | [ˈmʌðə'es deɪ], [ɪntəˈnæʃnəl ˈwɪmɪnz deɪ] |
| Ҷашни Сада | Праздник Сада | Sada Holiday, The Feast of Sada | [sada ˈhɒlədeɪ], [ði: fi:st ɒv sada] |
| Ҷашни байналмилалии Наврӯз | Международный праздник Навруз | International Navruz holiday | [ɪntəˈnæʃnəl ˈnavruz ˈhɒlədeɪ] |
| Рӯзи Ваҳдати миллӣ | День национального примирения / единства | Day of National Unity, National Reconciliation Day | [deɪ ɒv ˈnæʃnəl ˈju:nɪtɪ], [ˈnæʃnəl rekənsɪlɪˈeɪʃn deɪ] |
| Рӯзи Ғалаба | День Победы | Victory Day | [ˈvɪktərɪ deɪ] |
| Рӯзи дониш | День знаний | Knowledge Day | [ˈnɒlɪʤ deɪ] |
| Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | День Государственной независимости Республики Таджикистан | Tajikistan Independence Day,The Day of State Independence of the Republic of Tajikistan | [tɑ:ˈʤi:kɪstən ɪndɪˈpendəns deɪ], [ði: deɪ ɒv steɪt ɪndɪˈpendəns ɒv ði: rɪˈpʌblɪk ɒv tɑ:ˈʤi:kɪstən] |
| Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | День государственного языка Республики Таджикистан | Day of the state language of the Republic of Tajikistan | [deɪ ɒv ði: steɪt ˈlæŋgwɪʤ ɒv ði: rɪˈpʌblɪk ɒv tɑ:ˈʤi:kɪstən] |

*(Давом дорад)*

**Тоҷикистон дар самти моликияти зеҳнӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ ба 39 созишномаю конвенсияҳои байналмилалӣ ҳамроҳ шуд.**

*Хирад пос бошаду некхоҳ,*
*Сараш баргузорад зи абри сиёҳ.*
*Абулқосими Фирдавсӣ*



# ФАРМОИШИ ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 07.04.2024, №394, ш. Душанбе**

**Дар бораи сари вақт омода намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025 – 2026**

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2025, №218 «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026» мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ гардидааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Нақшаи чорабиниҳо оид ба сари вақт омода намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025 – 2026 тасдиқ карда шавад (замимаи 1).

2. Ситод дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сари вақт омода намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 таъсис дода шавад (замимаи 2).

3. Роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта ӯҳдадор карда шаванд, ки нақшаи чорабиниҳои мазкурро ба роҳбарӣ гирифта, аз натиҷаи корҳои иҷрошуда то 25-уми ҳар моҳ ба Вазорати маориф ва илм, тибқи шаклҳои ягонаи ҳисоботӣ маълумоти хаттӣ пешниҳод намоянд.

4. Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ рафти омодагии муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 зери назорати қатъӣ қарор дода, аз натиҷаи иҷрои корҳо то 10-уми ҳар моҳ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиб маълумоти хаттӣ ва электронӣ ирсол намояд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Бадриддин Музаффарзода гузошта шавад.

Асос: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2025, №218 ва раводиди ман.

**Вазир Раҳим Саидзода**

*Замимаи 1.*
*Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз 07.04.2025, №394 тасдиқ шудааст*

## НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО

## оид ба сари вақт омода намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025–2026

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Муҳлати иҷро | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|
| 1. | Барои назорат ва ҳамоҳангсозии корҳо ҷиҳати фаъолияти мунтазами муассисаҳои таълимӣ ва дигар иншооти соҳаи маориф дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 ситодҳои фаврӣ таъсис дода шавад (зербанди 1.1 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) | То 1 майи соли 2025 | Роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта |
| 2. | Таҳия ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба сари вақт омода намудани муассисаҳои соҳаи маориф ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 (зербанди 1.2 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) | То 1 майи соли 2025 | Роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта |
| 3. | Муайян ва ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намудани бақияи маводи сӯхт (ангишт, ҳезум, сӯзишвории дизелӣ), ки аз соли гузашта боқӣ мондааст | То 1 майи соли 2025 | Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта |
| 4. | Бо назардошти бақияи маводи сӯхт ва дар мувофиқа бо мақомоти дахлдор муайян, таҳия, тасдиқ ва ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намудани талаботи воқеии муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ба ангишт, ҳезум, сӯзишвории дизелӣ, шишабандӣ, масоҳати таъмири ҷорӣ гузаронидашаванда ва озуқаворӣ барои мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2025 – 2026 (зербанди 2.5 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) | То 1 майи соли 2025 | Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта |
| 5. | Барои тасдиқ ба мушовараи Вазорати маориф ва илм пешниҳод гардонидани нақшаи талаботи муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ба ангишт, ҳезум, сӯзишвории дизелӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, шишабандӣ, масоҳати таъмири ҷорӣ барои давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 | Моҳи майи соли 2025 | Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатии Вазорати маориф ва илм |
| 6. | Ҳамкорӣ намудан бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар семоҳаи дуюм ва сеюм таъмин намудани маблағҳо барои иҷрои корҳои таъмирӣ, хариди маводи сӯзишворӣ, аз ҷумла, ангишт, ҳезум ва сӯзишвории дизелӣ | Аз моҳи май то сентябри соли 2025 | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта |
| 7. | Андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҷалби соҳибкорон, ҷудо намудани маблағ аз ҳисоби маблағҳои озод, барзиёди даромад нисбат ба хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ ва ҷалби кумаки беруна ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти дегхонаҳо бо мақсади бо гармӣ таъмин намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ (зербанди 3.6 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) | Доимӣ | Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта |
| 8. | Гирифтани шиноснома ҷиҳати ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 омода будани системаи гармидиҳии вазорат, муассисаҳои тобеи вазорат, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, умумӣ, олии касбӣ ва дигар иншооти соҳаи маориф, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе ҷойгир ва ба системаи ягонаи гармидиҳии мутамарказ пайваст мебошанд | Аз моҳи август то 1 октябри соли 2025 | Шуъбаи хоҷагидории Вазорати маориф ва илм, роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, мудирони шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои Сино, Шоҳмансур, Фирдавсӣ, Исмоили Сомонӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии воқеъ дар ҳудуди шаҳри Душанбе |
| 9. | Андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати таъмини иҷрои нақшаи гузаронидани таъмири ҷорӣ дар муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ (зербанди 3.3 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) | То 25 августи соли 2025 | Роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта |
| 10 | Андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати таъмини иҷрои нақшаи захираи ангишт, ҳезум, сӯзишвории дизелӣ, шишабандӣ, маҳсулоти озуқаворӣ дар муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ (зербанди 3.3 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) | То 1 октябри соли 2025 | Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 11. | Тибқи талабот таъмин намудани синфхонаҳои муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо печҳои аловӣ ё барқӣ | То 1 октябри соли 2025 | Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта |
| 12. | Бо мақсади пешгирӣ аз ҳолатҳои сар задани ҳодисаи сӯхтор дар муассисаҳои таълимие, ки бо печҳои аловӣ гармӣ таъмин карда мешаванд, гирду атрофи лӯлаҳои дудбарори азбестӣ ва ё оҳанин дар қисмати боми бино аз сатҳи бомпӯш то болопӯши бино бо истифода аз хишти пухта маҳкам карда шуда, бехатарии он аз ҳолатҳои сар задани сӯхтор таъмин карда шавад | Доимӣ | Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта |
| 13. | Андешидани чораҳо ҷиҳати пешгирӣ намудани ҳодисаҳои нохуши сӯхтор дар бинову иншооти соҳаи маориф, давра ба давра муҷҳаҳаз гардонидани биноҳо бо системаи автоматикии аз сӯхтор воқифкунанда ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштае, ки омили сар задани сӯхтор мегарданд (зербанди 3.16 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) | Доимӣ | Роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта |
| 14. | Диққати ҷиддӣ зоҳир намудан ҷиҳати харидории ангишти хушсифат | Ҳангоми харидорӣ | Бо масъулияти шахсии роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 15. | Насб намудани ҳисобкунакҳои обӣ ва фурӯзонакҳои диодӣ дар тамоми муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ҷиҳати сарфакорона ва мақсаднoки истифодаи маблағҳои буҷетӣ | Доимӣ | Роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта |
| 16. | Пешниҳоди ҳисобот оид ба истифодаи захираи ангишт, ҳезум сӯзишвории дизелӣ дар муассисаҳои соҳаи маориф тибқи шаклҳои ягонаи тасдиқшуда (зербанди 4.4 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) | Дар давраи тирамоҳу зимистон | Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта |
| 17. | Пешниҳод намудани маълумоти хаттӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омодагии муассисаҳои таълимӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 тибқи шаклҳои тасдиқгардида | То 25 ҳар моҳ | Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта |
| 18. | Дар ҷаласаҳои ҳайати мушовара, ситод ва маҷлиси назорати назди вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додани корҳои дар ин самт баанҷомрасида | Тибқи нақшаи кории вазорат ва нақшаи гузаронидани ҷаласаҳои ситод | Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатии Вазорати маориф ва илм |
| 19. | Таъин ва ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намудани шахси масъул аз ҳисоби кормандони асосӣ барои назорати вазъи ҳуҷҷатгузорӣ ва бехато пешниҳоди маълумот оид ба иҷрои бандҳои нақша - чорабинии мазкур (бо нишон додани вазифаи ишғолнамуда, рақами телефон ва почтаи электронии доимоамалкунанда) | То 1 майи соли 2025 | Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта |

***Замимаи 2.***
***Бо фармоиши вазири маориф***
***ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон***
***аз 07.04.2025, №394***
***тасдиқ шудааст***

## ҲАЙАТИ

**Ситод дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сари вақт омода намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026**

1. Бадриддин Музаффарзода - муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Ситод;
2. Умед Ҳасанзода - сардори шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ, муовини сардори Ситод;
3. Абубакр Раҷабзода - мутахассиси пешбари шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатии Вазорати маориф ва илм, котиби Ситод.

**Аъзо:**

1. Сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Роҳбарони муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
4. Ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳоитаҳсилотиумумиимақоми ҷумҳуриявидошта.

Шакли №1/1-1, 2

**МАЪЛУМОТ**
доир ба рафти омодагӣ ва захиранамоии маводҳои асосии ғизоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, интернатҳо ва муассисаҳои миёнаи умумии ҷумҳуриявӣ барои фаъолият дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 (ба ҳолати____________)

| | Номи муассиса | Орд (тонна) | | | Равған (тонна) | | | Биринҷ (тонна) | | | Шакар (тонна) | | | Картошка (тонна) | | | Пиёз (тонна) | | | Сабзӣ (тонна) | | | Консерваҳо, қуттии шартӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Нақша | Иҷроиш | Фоиз | Нақша | Иҷроиш | Фоиз | Нақша | Иҷроиш | Фоиз | Нақша | Иҷроиш | Фоиз | Нақша | Иҷроиш | Фоиз | Нақша | Иҷроиш | Фоиз | Нақша | Иҷроиш | Фоиз | Нақша | Иҷроиш | Фоиз |
| 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ: | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Эзоҳ: нақша ва захиракунии маводи ғизоӣ дар муассисаҳои таълимӣ аз моҳи сентябр то моҳи мартро дар бар мегирад. | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

Ному насаб, имзо ва муҳри сардори Сарраёсат, раёсат, шуъба ва муассисаҳои дахлдор ҳатман гузошта шавад.

Шакли №1/1-3

**МАЪЛУМОТ**
доир ба рафти омодагӣ ва захиранамоии маводи асосии гармидиҳӣ дар муассисаҳои соҳаи маориф ва илм барои фаъолият дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 (ба ҳолати ____________)

| | Номи муассиса | Ангишт (тонна) | | | | | | Ҳезум ($м^3$) | | | | | | Сӯзишвории дизелӣ (литр) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Бақия дар аввали мавсим | Нақшаи (бо назардошти бақия) | Захира (бо назардошти бақия) | Фоиз | Истифодабарӣ дар мавсим | Бақия дар охири мавсим | Бақия дар аввали мавсим | Нақшаи (бо назардошти бақия) | Захира (бо назардошти бақия) | Фоиз | Истифодабарӣ дар мавсим | Бақия дар охири мавсим | Бақия дар аввали мавсим | Нақшаи (бо назардошти бақия) | Захира (бо назардошти бақия) | Фоиз | Истифодабарӣ дар мавсим | Бақия дар охири мавсим |
| 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ: | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Эзоҳ: нақша ва захиракунии маводи ғизоӣ дар муассисаҳои таълимӣ аз моҳи сентябр то моҳи мартро дар бар мегирад. | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

Ному насаб, имзо ва муҳри сардори Сарраёсат, раёсат, шуъба ва муассисаҳои дахлдор ҳатман гузошта шавад.

Шакли №1/1-4

**МАЪЛУМОТ**
доир ба рафти омодагии воситаҳои гармидиҳӣ дар муассисаҳои соҳаи маориф ва илм барои фаъолият дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 (ба ҳолати ____________)

| | Номи муассиса | Дегхонаҳо (бо дарназардошти дегхонаҳои хурд) | | | Гармкунакҳои барқӣ | | | Печҳои аловӣ | | | Шишабандӣ (метри мураббаъ) | | | Таъмири ҷорӣ (метри мураббаъ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Шумора | Дар ҳолати корӣ | фоиз | Шумора | Дар ҳолати корӣ | фоиз | Шумора | Дар ҳолати корӣ | фоиз | Нақша | Иҷро ($м^2$) | фоиз | Нақша | Иҷро ($м^2$) | фоиз |
| 1 | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ: | | | | | | | | | | | | | | | |
| Эзоҳ: нақша ва захиракунии маводи ғизоӣ дар муассисаҳои таълимӣ аз моҳи сентябр то моҳи мартро дар бар мегирад. | | | | | | | | | | | | | | | | |

Ному насаб, имзо ва муҳри сардори Сарраёсат, раёсат, шуъба ва муассисаҳои дахлдор ҳатман гузошта шавад

**Дар ДИТ ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа таҳти унвони «Ҷавонон ва ҷаҳони муосир: мушкилот ва дурнамо» конференсия баргузор гардид.**

*Раҳонад хирад мардро аз бало,*
*Мабодо касе дар бало мубтало.*

*Абулқосими Фирдавсӣ*



ПАЖУҲИШ

# Ҷойгоҳи «Шоҳнома» дар эҳёгарии шарқӣ

Дар тӯли таҳаввулоти таърихии миллати мо новобаста аз фишори душманони тоҷикон, гумон мекунам, ки асари безаволи Фирдавсӣ – «Шоҳнома» ҳамчун шоҳсутун забону фарҳанги моро то имрӯз ҳифз карда, минбаъд низ нигаҳбон аст. Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар на танҳо омӯзишу қадрдонии ин асар афзуд, балки анъанаҳо, арзишҳои иҷтимоиву фарҳангӣ ва иқтисодии тамаддуни ниёгони мо, ки дар «Шоҳнома» инъикос ёфтаанд, эҳё гардид. Маҳз «Шоҳнома» буд, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ чунин арзишҳои баланди тамаддуни ориёӣ, ба мисли ҷашнҳои Наврӯз, Садаву Меҳргон, Тиргон ва ғайра эҳё шудаанд ва мақоми ҷаҳонӣ пайдо карданд.

Таърихи ҷаҳонӣ давраҳои дурахшонеро ёд дорад, ки пур аз рӯйдодҳои тақдирсоз аст, ки онро нависанда, драматург ва рӯзноманигори австриягӣ Стефан Свейг (1881-1942) ба таври рамзӣ «соатҳои ситорабори инсоният» номидааст. Дар ин давраҳо равшанфикрон ва мутафаккирони барҷаста, ки онҳоро «виҷдони халқ» ҳам унвон кардаанд, аз вазъиятҳои фоҷиавии ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии замони худ сахт андуҳгин шуда, осори баландғояро офариданд.

«Шоҳнома»-ро ҷаҳониён ҳамчун ҳамосаи миллии мардумони ориёӣ (ҳинду-эронӣ) меноманд, ки Ҳаким Фирдавсӣ онро солҳои 970-1005, дар муддати 30-35 сол навиштааст. Ҳамоса аз 60 ҳазор байт (120 ҳазор мисраъ) иборат аст ва бузургтарин ҳамосаи ҷаҳон, ки ба қалами як шоири нобиға тааллуқ дорад, ба ҳисоб меравад. «Шоҳнома» тақрибан ҷаҳор баробари «Иллиада» ва «Одиссея»-и Ҳомери юнонӣ мебошад.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар доираи тафаккури таҳлилӣ ва ғояҳои гуманистӣ таълиф шудааст. Тафаккури интиқодӣ кӯшиши фаъолу ҳадафнок ва мунтазам барои фаҳмидани ҷаҳон, муҳити иҳоташуда тавассути зиракона арзёбӣ намудани тафаккури худ ва тафаккури дигарон мебошад, ки паҳнои когнитивии инсонро дурахшон ва такмил медиҳад. Пайваста бо мутолиаи «Шоҳнома» тафаккури интиқодии хонанда дар самти густариши қобилияти арзёбии эътимоднокӣ, саҳеҳӣ ё арзиши чизе, қобилияти арзёбӣ барои ҷустуҷӯ ва пайдо кардани сабабҳо ва нуқтаи назари алтернативӣ, дарк кардани вазъият, дар маҷмуъ, тағйир додани мавқеи худ дар асоси далелҳо сурат мегирад. Масалан, дар достони Сиёвуш образи Фарангисро ҳамчун модар, зани вафодор ва бонуи дорои тафаккури интиқодӣ, дурандешӣ, ки зулми падари беинсофро мушоҳида намуда, аз баҳри ӯ, тахту тоҷ ва дабдабаву ҳашамати вай гузашт, тасвир менамояд. Бо вуҷуди афву ғазаби Афросиёб, вай тибқи ақидаи мустақили худ амал менамояд.

«Шоҳнома» дар шаклгирии муносибатҳои муайяни муҳаққиқон оид ба назар гирифтани контекст, фарогирии иттилооти воқеӣ ва мукаммалгардии инкишофи мантиқии воқеаҳо мусоидат менамояд. Бинобар ин, метавон таъкид намуд, ки «Шоҳнома» дар шаклгириву рушди чунин методологияи татқиқот, ба мисли муносибатҳои иҷтимоиву фарҳангӣ дар шарҳи табиати рушди сохти ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа, бахусус, ҷомеаи Шарқ саҳми назаррас гузоштааст. Зимнан, бояд зикр намуд, ки муносибатҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ равиши методологиест, ки моҳияти он дар кӯшиши баррасии ҷомеа ҳамчун ягонагии он бо фарҳанг ифода мeёбад. Дар «Шоҳнома» алоқамандии ҳамаи ҳодисоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии Эрони қадим, давлати Сосониён бо таҳаввулоти фарҳангии мардум, фатҳи ғояҳову фарҳанги некӣ ва некпарастӣ ифода ёфтаанд. Тибқи принсипи асосии муносибати иҷтимоӣ-фарҳангӣ, трансформатсияи иҷтимоӣ-фарҳангӣ маҳз дар натиҷаи такмилу ивазшавии бунёдии фарҳанг сурат мегирад. Ин навъи трансформатсия дар таърихи башар нисбат ба тағйири шакли идоракуниву давлатдорӣ воқеаҳои муҳимтар мебошанд. Зеро дар ҷомеа тағйироти муҳим ва куллӣ дар ҳамон вақт рӯй медиҳад, ки агар бо гуфтаи П. Сорокин, «инқилоби бунёдӣ ва давраги фарҳанги инсонӣ» сурат гирад. Аммо вай камёб будани чунин дигаргуниҳои замониро қайд намудааст. М. Вебер исбот кардааст, ки табиати ҷомеаи сармоядорӣ ва тамаддуни индустриалии кишварҳои Ғарб на дар асоси маҷрои воридгардии маблағҳои нав, балки дар натиҷаи «воридшавӣ»-и рӯҳияи нав, яъне, тафаккуру омодагардии равонии одамон ва меъёрҳову арзишҳои махсус, ки ҷомеаи суннатиро шикастааст, ба вуҷуд омадааст. Дар «Шоҳнома» маҳз чунин таҳаввулоти фарҳангӣ, рӯҳияи нав дар яке аз беҳтарин ва ҷонсӯзтарин достони ин китоб - достони «Сиёвуш» инъикос ёфтааст. Дар достон ду силсилаи образҳо, мусбат ва манфӣ амал мекунанд ва Сиёвуш образи шоҳзодаи ворисӣ тахту тоҷи Эрон, ҷавони оқил, боандеша, поквиҷдон, ҳокими одил, сулҳҷӯй ва паҳлавони қавиирода аст. Дар достони мазкур Фирдавсӣ покиву ватандӯстӣ, раиятпарварии ҳақиқиро нишон дода, орзуи онро кардааст, ки шоҳзодагон дорои чунин хислатҳо бошанд.



Дар замони муосир, ки ҷаҳонишавии бемайлон, суръатгирии раванди бозтақсими худудиву иқтисодӣ аз тарафи кишварҳои абарқудрат, тезутунд ва шиддат гирифтани муқовимати онҳо дар ин маҷро баръало аён аст, ҳифз намудани ҷомеаи солиму давлати пойдор маҳз дар пояи заҳматҳои хеле гарон ва дурбинонаи фарзандони фарзонаи миллат имконпазир аст. Чунин сифатҳои ҷомеасозиву давлатсозӣ дар фасли подшоҳии Ҳурмузд дар «Шоҳнома» ифода ёфтаанд:

*Чунин гуфт пири Хуросон, ки шоҳ,*
*Чу биншаст ба номвар пешгоҳ.*
*Нахуст офарин кард бар Кирдгор,*
*Тавонову дорандаи рӯзгор.*
*Дигар гуфт, мо тахти номӣ кунем,*
*Гаронмоягонро гиромӣ кунем.*
*Ҷаҳонро бидорем дар зери пар,*
*Чунон чун падар дошт б - оину фар.*
*Гунаҳкардагонро ҳаросон кунем,*
*Ситамдидагонро таносон кунем.*
*Касе бад кунад, бурдборӣ кунем,*
*Чу ранҷ оядаш беш, ёрӣ кунем.*

Омӯзиши «Шоҳнома» ва қиёси мазмуни он бо таърихи давлатсозиву миллатсозии мамлакатҳои ҷаҳон шаҳодат медиҳад, ки пойдории онҳо то имрӯз бо номи сарварони нобиғаи мардумашон, ки оид ба ояндаи миллат андеша доштанду ба мерос гузоштанд, марбут аст. Дар ғояи асосии «Шоҳнома» васфи қаҳрамонони ватан, даъват ба ваҳдати нерӯҳои пароканда, мутамарказсозии қудрат ба хотири муқовимат кардан ба таҷовузҳои душманон қарор гирифтааст.

Дар ҷаҳони нооромӣ муосир амал намудан тибқи андарзҳои Фирдавсӣ, ки моро ба сӯйи оромишу осоиш, ваҳдату ягонагӣ ва пойдор гардидани сулҳ ҳидоят менамояду намегузорад миёни мо тухми нифоқу кина бикоранду бародарро ба қатли ҷони бародар, ҳамзабону ҳамхун бифиристанд, ки мардуми мо ин ҳодисотро ибтидои солҳои 90-уми қарни гузашта аз сар гузаронида буд. Ин ҷо бамаврид аст, ки мисраъҳои Фирдавсиро ба ёд оварем:

*Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,*
*Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.*
*Аз ин пас ба хира марезед хун,*
*Ки бахти ҷафопешагон шуд нагун.*
*Ба пеши бародар бародар ба ҷанг,*
*Наёяд, агар бошадаш ному нанг!*

Аз ин шоҳасар метавон арзишҳои муҳимми созандагӣ ва тамаддунсозро, ки бахусус, дар замони муосир мислу обу ҳаво заруранд дарк намуд.

**_А. МИРСАИДОВ,_**
*профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ*

АДАБИЁТ




# Истифодаи зарбулмасалу мақол дар шоҳасар

**«Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ асари безаволест, ки хонандаро ба омӯзиши илму маърифат, ҳунаромӯзиву ҳунармандӣ, кӯшишу ғайрат, далерӣ, мардонагӣ, адлу инсоф, эҳтироми падару модар, дӯстию рафоқат, одоби суханронӣ ва дӯстиву ҳифзи Ватан ҳидоят менамояд. Хислатҳои дурӯғгӯӣ, бадӣ, коҳилию танбалӣ, пурхӯрӣ, шитобкорӣ ва сарватпарастиро мазаммат намудааст. Шоир пойдории мулкро аз шахсони донишманду ҳушманд донистa, хонандаро ба он талқин менамояд, ки мулкро аз душман муҳофизат намояд, то дӯстиву рафоқат ва сулҳу ваҳдат пойдор монад ва мардум дар фазои озоди Ватан хушу хуррам умр ба сар баранд.**

Шоир барои муассиру ҳадафманд гардидани ашъораш аз зарбулмасалу мақолҳои халқӣ фаровон истифода бурдааст:

**Ки тундиву тезӣ наояд ба кор,**
**Ба нармӣ ӯ барояд зи сӯрох мор.**

Яъне, сухани ширин морро аз хонааш мебарорад ва инсон мебояд ҳамеша сухани нек дошта бошад.

Фирдавсӣ доир ба андешида сухан гуфтан аз мақоли «девор муш дорад, муш гӯш»-ро моҳирона истифода бурдааст:

**Чӣ гуфт он сухангӯи посухниюш,**
**Ки девор дорад ба гуфтор гӯш.**

Адиб ба хонанда ҳушдор медиҳад, ки ҳеҷ вақт рӯбоҳ бо шер ҷуфт нагардад:

**Ҳамон тобиши моҳ натвон нуҳуфт,**
**На рӯбоҳ тавон кард бо шер ҷуфт.**

Зарбулмасали «кори имрӯзаро ба фардо магузор»-ро шоир ҳамчун панде барои коҳилону танбалон овардааст:

**Аз имрӯз корат ба фардо мамон,**
**Ки донад, ки фардо чӣ гардад замон.**
**Гулистон, ки имрӯз бошад ба бор,**
**Ту фардо чинӣ гул, наояд ба кор.**

Фирдавсӣ ба он ашхоси бефаҳм, ки ҳодисаеро надида таҳлил менамоянд, гуфтанист, ки «шунидан кай бувад монанди дидан»:

**Ту донӣ, ки дидан беҳ аз огаҳист,**
**Миёни шунидан саросар тиҳист.**

Дарвоқеъ, Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и хеш некиву накӯкорӣ, хушёриву далерӣ ва дӯстиву рафоқатро бо истифодаи зарбулмасалу мақолҳо бамавқеъ корбаст кардааст.

**_Фурқат ҲУСЕЙНОВ,_**
***омӯзгори МТМУ №24-и ноҳияи Айнӣ***

*Мадоро хирадро бародар бувад,*
*Хирад бар сари дониш афсар бувад.*
*Абулқосими Фирдавсӣ*



ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

**(Идома аз шумораҳои гузашта)**
**Машғулияти ҳабдаҳум (Синфҳои 5-7)**

268. Барон Мюнхаузен иддао мекард, ки ба ӯ ёфтани ҳамин хел адади натуралӣ муяссар гардидааст, ки ҳосили зарби ҳамаи рақамҳои он ба 6552 баробар аст. Исбот кунед, ки Барон саҳв кардааст.

269. Суммаи $121^6+234^6+16^6+2025^6$ бо кадом рақам ба охир мерасад?

270. Сабти муқаррарии ададҳо бо кадом рақам ба итмом мерасанд?

1) $66^{66}$ 2) $33^{33}$ 3) $7^7$.

271. Маълум аст, ки ҳосили зарби ду адади байниҳам сода ба 864 баробар аст. Ин ададҳоро ёбед.

272. Мол 1000 сомонӣ буд. Фурӯшанда нархро 10% баланд бардошта, пас аз як моҳ 10% паст кард. Мол пас аз ин пастшавии нарх чанд сомонӣ мешавад?

273. Се дугона бо куртаҳои сафед, сабз, кабуд ва туфлиҳои ҳамон ранг ба кӯча баромаданд. Маълум аст, ки ранги курта ва туфлии Малика як хел аст, аммо ранги курта ва туфлии Зулайхо сафед нест. Азиза бо туфлии сабз ба кӯча баромада буд. Ранги курта ва туфлии ҳар як дугона чӣ хел аст?

274. Ман аз хона то мактаб 30 дақиқа, бародарам 40 дақиқа вақт сарф мекунад. Ман пас аз чанд дақиқа ба бародарам рафта мерасам, агар ӯ аз хона аз ман 5 дақиқа пештар баромада бошад?

275. Росткунҷаро (ниг. ба расм) ба фигураҳои намуди додашуда бурида ҷудо кунед.





276. Аломати амалҳо ва қавсҳоро дар ҷойи лозимӣ гузоред, то ки баробариҳои дуруст ҳосил шаванд.

5 5 5 5 = 26    5 5 5 5 = 50

5 5 5 5 = 30    5 5 5 5 = 55

5 5 5 5 = 120    5 5 5 5 = 625

5 5 5 5 = 130    5 5 5 5 = ?

Бо ин тарз мо боз кадом ададҳоро ҳосил карда метавонем?

277. Суммаи квадратҳои ду адади сода бо 3 тамом мешавад. Ҳамаи чунин ададҳоро ёбед.

278. Об ҳангоми яхкунӣ ба $\frac{1}{10}$-и ҳаҷми худ зиёд мешавад. Ях ҳангоми обшавӣ ба чанд ҳиссаи худ кам мешавад?

279. Аз ададҳои 21, 19, 30, 25, 3, 12, 9, 15, 6, 27 ҳамин хел се ададро интихоб кунед, ки суммаи онҳо ба 50 баробар шавад.

280. Ҳангоми ба 2 тақсим намудани ягон адад дар бақия 1 ва ҳангоми ба 3 тақсим намудан дар бақия 2 ҳосил мешавад. Ҳангоми тақсими ин адад ба 6 дар бақия кадом адад ҳосил мешавад?

281. Агар Назира ба мактаб пиёда рафта, аз мактаб ба хона бо автобус равад, дар роҳ якуним соат вақт сарф мекунад. Агар ӯ ба ҳарду тараф бо автобус равад, ним соат вақт сарф мешавад. Агар Назира ба ҳарду тараф пиёда равад, чӣ қадар вақт сарф мекунад?

**Ҳалли масъалаҳо ва нишондоди онҳо**

**268.** Барои санҷидани иддао адади 6552-ро ба ҳамзарбҳои сода ҷудо мекунем. $6552=2^3\cdot3^2\cdot7\cdot13$-ро ҳосил мекунем. Азбаски 13 адади сода аст, бинобар ин, онро дар намуди ҳосили зарби ҳамзарбҳои яккимата пешниҳод намудан мумкин нест ва худи он рақам нест. Пас Мюнхаузен ба хатоӣ роҳ додааст. **269.** 8. **270.** а) 6; б) 3; в) 3. **271.** 3227. **Ҳал.** Адади 864-ро ба зарбшавандаҳои сода ҷудо мекунем: $864=2^5\cdot3^3$. Азбаски зарбшавандаҳо бояд байни ҳам сода бошанд, бинобар ин, ҳамаи “ду”-ҳо бояд дар як зарбшаванда, “се”-ҳо дар зарбшавандаи дуюм бошанд. **272.** 990 сомонӣ. Пас аз қиматшавӣ нархи мол ба 1100 сомонӣ баробар шудааст. **273.** Масъаларо бо тадриҷан пур намудани ҷадвали зерин ҳал мекунем.

| Духтарон | Туфлӣ | | | Курта | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сафед | Сабз | Кабуд | Сафед | Сабз | Кабуд |
| Малика | Ҳа (3) | | | Ҳа (5) | | |
| Зулайхо | Не (2) | | Ҳа (4) | | Ҳа 6) | |
| Азиза | | Ҳа (1) | | | | Ҳа (7) |

1) Азбаски туфлии Азиза сабз буда, туфлии Зулайхо сафед нест, бинобар ин, туфлии Малика сафед, туфлии Зулайхо кабуд аст; 2) Азбаски ранги туфлӣ ва куртаи Малика якхела аст, ранги куртаи ӯ сафед ҳам нест (чунки ранги туфлӣ ва куртаи ӯ як хел нест), вай сафед ҳам нест. Пас, ранги куртаи ӯ сабз, ранги куртаи Азиза кабуд аст. **274.** Пас аз 15 дақиқа. Бародар 5 дақиқа пеш ба роҳ баромада, дар ин муддат $\frac{1}{8}$ ҳиссаи роҳро то мактаб тай мекунад. Дар як дақиқа ман $\frac{1}{30}$ ҳиссаи роҳ, бародарам $\frac{1}{40}$ ҳиссаи онро тай мекунем, пас, ба бародарам расида меоям: $\frac{1}{30}-\frac{1}{40}=\frac{1}{120}$ ҳиссаи роҳ дар 1 дақиқа.



**275.** *Ба расм нигаред.* **276.** Дар ҷойи зарурӣ аломати ададҳо ва қавсҳоро ҳамин хел гузоред, ки баробариҳои матлуб дуруст бошанд:

$5\times5+5:5=26;$    $5\times5+5\times5=50;$

$5\times5\times5\times5=625;$    $5\times(5+5:5)=30;$

$5\times5\times5+5=130;$    $555:5=111;$

$5\times5\times5-5=120;$

$55+5-5=55.$

**277.** Азбаски суммаи квадратҳои ду ададҳои сода бо 3 ба итмом мерасанд, бинобар ин, яке аз ададҳои сода ҷуфт, яъне, 2 мебошад. Рақами охирини адади содаи дуюм ба 9 баробар аст, чунки 9+4 бо 3 ба итмом мерасад. Агар квадрати адади сода бо 9 ба итмом расад, он гоҳ худи адади сода ё бо 7 ё бо 3 ба итмом мерасад. Чунин ададҳо ҳам зиёданд: 3, 7, 13, 17, 23, 37,. . . Ёфтани ҳамаи чунин ададҳо барои мо ғайри имкон аст. **278.** Ба $\frac{1}{11}$. Ҳангоми яхкунӣ ҳаҷми об ба $\frac{1}{10}$ зиёд шуда, ба $\frac{11}{10}$ баробар мешавад, ин маънои онро дорад, ки $\frac{1}{10}$ ҳиссаи об ба $\frac{1}{11}$ ҳиссаи ҳаҷми ях мувофиқ меояд. **279.** 19, 25 ва 6. **280.** 5. Бигзор $x$-адади додашуда бошад. Азбаски ҳангоми ба 3 тақсим намудан, дар бақия 2 ҳосил мешавад, бинобар ин, $x+1$ - ҷуфт ва ба 2 каратӣ буда, дар натиҷа $x+1$ ба 6 каратӣ мешавад. **281.** 2 соату 30 дақиқа. **Ҳал.** Агар Назира ба ҳар ду тараф бо автобус равад, ӯ дар роҳ 30 дақиқа вақт сарф мекунад. Назира ба як тараф бо автобус дар 15 дақиқа рафта мерасад. Агар дар мактаб пиёда рафта, бо автобус баргашта ояд, ӯ ба роҳ якуним соат вақт сарф мекунад. Пас ӯ ба як тараф дар 1 соату 15 дақиқа рафта мерасад.

*Мамадҷон МАҲКАМОВ,*
*профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

# Истифодаи шарти баробарии синусҳо ва косинусҳо ҳангоми ҳалли муодилаҳои тригонометрӣ

Шарти баробарии синусҳо ва косинусҳоро хотиррасон мекунем:

1. Агар $\sin\alpha=\sin\beta$ бошад, он гоҳ $\alpha+\beta=\pi+2\pi n, n\in Z$ ва $\alpha-\beta=2\pi m, m\in Z$.
2. Агар $\cos\alpha=\cos\beta$ бошад, он гоҳ $\alpha+\beta=2\pi n, n\in Z$ ва $\alpha-\beta=2\pi m, m\in Z$.

Оид ба истифодаи формулаҳои 1 ва 2 якчанд муодиларо аз китоби «Маводи аттестатсияи давлатии хатм барои синфи 11» нишон медиҳем.

Муодиларо ҳал кунед (1-3):

**1.** $\sin x-\cos x=\sqrt2\cos3x$;

**Ҳал.** $\sqrt2\cos3x=\sin x-\cos x$.

Аз формулаҳои $\sin\alpha-\cos\beta=\sqrt2\sin\left(\alpha-\frac{\pi}{4}\right)$ ва $\cos\alpha=\sin\left(\frac{\pi}{2}+\alpha\right)$ истифода мебарем:

$$\sqrt2\sin\left(\frac{\pi}{2}+3x\right)=\sqrt2\sin\left(x-\frac{\pi}{4}\right)$$

$$\sin\left(\frac{\pi}{2}+3x\right)=\sin\left(x-\frac{\pi}{4}\right)$$

Аз формулаи 1 истифода мебарем. Дар ин ҷо: $\alpha=\frac{\pi}{2}+3x;\ \beta=x-\frac{\pi}{4}$.

1) $\frac{\pi}{2}+3x+x-\frac{\pi}{4}=\pi+2\pi n, n\in Z$

$$4x+\frac{\pi}{4}=\pi+2\pi n, n\in Z$$

$$4x=\pi-\frac{\pi}{4}+2\pi n, n\in Z$$

$$4x=\frac{3\pi}{4}+2\pi n, n\in Z$$

$x=\frac{3\pi}{16}+\frac{\pi n}{2}, n\in Z$ ё $x=\frac{\pi}{16}(8n+3), n\in Z$

2) $\frac{\pi}{2}+3x-\left(x-\frac{\pi}{4}\right)=2\pi m, m\in Z$

$$\frac{\pi}{2}+3x-x+\frac{\pi}{4}=2\pi m, m\in Z$$

$$2x+\frac{3\pi}{4}=2\pi m, m\in Z$$

$$2x=-\frac{3\pi}{4}+2\pi m, m\in Z$$

$x=-\frac{3\pi}{8}+\pi m, m\in Z$ ё $x=\frac{\pi}{8}(8m-3), m\in Z$

**Ҷавоб:** $x=\frac{\pi}{16}(8n+3), n\in Z$; $x=\frac{\pi}{8}(8m-3), m\in Z$.

**2.** $1-2sin^2 8x=sin4x$

**Ҳал:** Аз формулаҳои $1-2sin^2\alpha=cos2\alpha$ ва $sin\alpha=\cos\left(\frac{\pi}{2}-\alpha\right)$ истифода мебарем.

$$cos16x=\cos\left(\frac{\pi}{2}-4x\right)$$

Аз формулаҳои 2 истифода мебарем. Дар ин ҷо $\alpha=16x$ ва $\beta=\frac{\pi}{2}-4x$.

1) $16x+\frac{\pi}{2}-4x=2\pi n, n\in Z$

$$12x=-\frac{\pi}{2}+2\pi n, n\in Z$$

$$x=-\frac{\pi}{24}+\frac{\pi n}{6}, n\in Z$$

$$x=\frac{\pi}{24}(4n-1), n\in Z.$$

2) $16x-\left(\frac{\pi}{2}-4x\right)=2\pi m, m\in Z$

$$16x-\frac{\pi}{2}+4x=2\pi m, m\in Z$$

$$20x=\frac{\pi}{2}+2\pi m, m\in Z$$

$$x=\frac{\pi}{40}+\frac{\pi m}{10}, m\in Z$$

$$x=\frac{\pi}{40}(4m+1), m\in Z$$

**Ҷавоб:** $x=\frac{\pi}{24}(4n-1), n\in Z$; $x=\frac{\pi}{40}(4m+1), m\in Z$.

**3.** $\sin\frac{x}{2}+\cos\frac{x}{2}=\sqrt2\sin1{,}5x$.

**Ҳал:** Аз формулаи $\sin\alpha+\cos\alpha=\sqrt2\sin\left(\frac{\pi}{4}+\alpha\right)$ истифода мебарем

$$\sqrt2\sin\left(\frac{\pi}{4}+\frac{x}{2}\right)=\sqrt2\sin1{,}5x$$

$$\sin\left(\frac{\pi}{4}+\frac{x}{2}\right)=\sin1{,}5x$$

$$\sin1{,}5x=\sin\left(\frac{\pi}{4}+0{,}5x\right).$$

Аз формулаи 1 истифода мебарем. Дар ин ҷо: $\alpha=1{,}5x$ ва $\beta=\frac{\pi}{4}+0{,}5x$.

1) $1{,}5x+\frac{\pi}{4}+0{,}5x=\pi+2\pi n, n\in Z$

$$2x+\frac{\pi}{4}=\pi+2\pi n, n\in Z$$

$$2x=\pi-\frac{\pi}{4}+2\pi n, n\in Z$$

$$2x=\frac{3\pi}{4}+2\pi n, n\in Z$$

$$x=\frac{3\pi}{8}+\pi n, n\in Z$$

$$x=\frac{\pi}{8}(8n+3), n\in Z.$$

2) $1{,}5x-\frac{\pi}{4}-0{,}5x=2\pi m, m\in Z$

$$x-\frac{\pi}{4}=2\pi m, m\in Z$$

$$x=\frac{\pi}{4}+2\pi m, m\in Z$$

$$x=\frac{\pi}{4}(8m+1), m\in Z.$$

**Ҷавоб:** $x=\frac{\pi}{8}(8n+3), n\in Z$; $x=\frac{\pi}{4}(8m+1), m\in Z$.

*С. УМАРОВ,*
*ассистенти кафедраи усули таълими математика ва геометрияи факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**Дар Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон таҳти унвони «НБО «Роғун» – заминаи асосӣ барои саноатикунонии мамлакат» конференсия баргузор гардид.**

*Хирад бояд андар сари марди кор,*
*Ки тезию тундӣ наояд ба кор.*
*Абулқосими Фирдавсӣ*



ПЕДАГОГИКА

# Роҳҳои тарбияи наврасони оворагард

**Чаро баъзе хонандагон якраву саркаш ва бо рафтору кирдорҳои бадахлоқона ба раванди таълиму тарбия халал мерасонанд? Педагогҳою равоншиносон исбот кардаанд, ки дар ин бобат оилаҳо гунаҳкор буда, инчунин, дигар омилҳо таъсиргузоранд:**

- танқисии иқтисодӣ ва мушкилоти рӯзгор, вайроншавии оилаҳо, оилаҳои носолим;
- аз ҷониби волидайн ба дӯши омӯзгорон ҳавола кардани тамоми вазифаю масъулияти таълим ва тарбия;
- ба ҳисоб нагирифтани имконот дар танзими оила;
- ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани падарон ва аз тарбияи онҳо дур мондани фарзандон;
- таъсири муҳити носолими атроф ба кӯдакон.

Ин ҳама омилҳое ҳастанд, ки ба шахсияти хонанда таъсири манфӣ расонида, сабаби оворагии ӯ мегарданд. Барои он ки падару модар фарзанди худро тарбия намоянд, бояд аввал роҳҳо ва шаклҳои тарбияро донанд, то андозае педагог бошанд. Мутаассифона, бештари волидайн аз усулҳои судманди тарбия огаҳӣ надоранд, педагогикаи оилавиро намедонанд. Онҳо тарбияро дар дӯғу пӯписа, лату кӯб ва ҷазодиҳӣ мебинанд. Ин усули тарбия қаҳру ғазаби наврасонро меорад ва онҳоро дағалу тарсончаку гарданшах ва кинагир мекунад. Ба ҷойи шавқу ҳавас ба таълиму тадрис, меҳру муҳаббат ба наздикон, дар дили онҳо ғаму андуҳ, қаҳру ғазаб ҷӯш мезанад, мехоҳанд, ки аз онҳо дар канор бошанд. Вобаста ба ҳамин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтаанд: **«Падару модарон, ки сутуни хонавода ва ё оиларо ташкил медиҳанд, бояд ба таълим ва тарбияи фарзандон диққати доимӣ ва ҷиддӣ зоҳир намоянд. Онҳо бояд як нуктаро ба эътибор гиранд, ки фарзанди солеҳ ва бомаърифат давоми умри падару модарон мебошад».**



Дар самти тарбияи наврасони оворагард ва ҷалб намудани онҳо ба мактаб омӯзгорону падару модарон ва аҳли ҷомеа вазифадоранд, ки чунин корҳоро ба сомон расонанд:

- тарбия намудани фарзанд ё шогирд дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ;
- омӯхтани хулқу атвори шогирд ё фарзанд ва барқарор намудани робитаи мустаҳкам;
- худогоҳӣ, худшиносӣ ва тарбияи ифтихори миллӣ дар асоси арзишҳои миллӣ, мероси илмию адабии ниёгон;
- чараёни таълиму тарбияро аз нигоҳи талаботи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намудан;
- ба роҳ мондани барномаҳои фарҳангию маърифатӣ дар мактаб ва ҷалби онҳо ба ин самт;
- ташкил кардани сайру саёҳати оилавӣ ба ҷойҳои хотирмон, рафтан ба тамошои театр, филму консертҳо;
- ислоҳ ва таҷдиди тафаккуру андешаи чунин хонандагон ба берун овардани онҳо аз яъсу ноумедӣ, руҳафтодагию оворагардӣ;
- расонидани ёрии педагогӣ ба роҳбари синфи ҷавон ва созмони хонандагон ҷиҳати ҷалби хонандаи оворагарду саркаш ба мактаб;
- фароҳам овардани шароити мусоиди иҷтимоӣ дар оила;
- ба ҷо овардани одоби муоширати тарафайн дар хона ва роҳ надодан ба амалҳои номатлуб, аз қабили дағалӣ, зӯроварӣ ва лату кӯби фарзанд;
- ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманду муассири мактабу оила дар самти ҷалби наврасони оворагард ба мактаб;
- ҷалби кӯдакон ба маҳфилҳои фаннӣ ва касбомӯзӣ;
- дар ҳамбастагӣ амал кардани мактаб, оила, маҳалла ва нозири минтақавӣ оид ба кори ноболиғон бахри роҳ надодан ба оворагардии наврасон;
- дар мактаб ва маҳалли зист пайваста ташкил кардани мусобиқаҳои варзишӣ, суҳбату вохӯриҳо бо кормандони ҳифзи ҳуқуқ, варзишгарони номӣ ва собиқадорони меҳнат дар ҳамин самт;
- манъ намудани тамошои филмҳои ғайриахлоқӣ ва хусусияти зӯроварӣ, ифротгароӣ ва терроризмдошта;
- роҳ надодан ба оворагардӣ ва дигар рафторҳои зиддиахлоқӣ аз ҷониби фарзанд.

Дар боби 5, моддаи 19, банди 11-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» падару модар чунин уҳдадор карда шудаанд: «Кӯдакро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, волоияти қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, эҳтиром ба шахсияти худ ва атрофиён, оила, урфу одат, анъанаҳо, фарҳанги миллӣ ва таҳаммулгароӣ, инчунин, бартарии манфиатҳои миллӣ тарбия намояд».

Ҳамин тариқ, фарзандонро дар руҳияи муҳаббат ба меҳану миллат, донишандӯзию меҳнатдӯстӣ, эҳтироми ҷомеаю муқаддасоти миллӣ тарбия кардану аз кӯйи сарсонӣ, яъсу ноумедӣ ва оворагардӣ баровардан волотарин рисолати падару модар ба шумор меравад.

*Б. ҲАЙДАРОВ,*
*мутахассиси пешбари МҶТМ*

АФКОР

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21.01.2015), оиларо ниҳоди муқаддас номида, барои беҳдошти фарҳанги суннатии миллӣ ва бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, таҳкими оила ва танзими муносибатҳои оилавӣ соли 2015-ро «Соли оила» эълон намуд буданд. Ҳадафи асосии ин иқдоми неки Роҳбари давлат боло бурдани мавқеи оила дар ҷомеа, густариши фарҳанги оиладорӣ, инчунин, нигоҳ доштани он ҳамчун арзиши ивазнашаванда дар фарҳанги миллӣ мебошад. Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, чунки беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароӣ маҳз дар оила ташаккул меёбанд.**

## Макони ташаккули шахсият

Оила аввалин муҳитест, ки шахс дар он ба камол мерасад ва асосҳои ахлоқӣ, арзишҳои инсонӣ ва масъулияти шаҳрвандиро дар худ ташаккул медиҳад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ нақши оила боз ҳам муҳимтар мегардад, зеро он на танҳо макони тарбия, балки муҳофизи арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ низ мебошад.

Ҳар як фард, ки дар оилаи солим тарбия мегирад, маърифати дурусти зиндагиро меомӯзад. Панду насиҳати волидон, фазои муҳаббат ва эҳтиром, риояи меъёрҳои ахлоқӣ ба кӯдак имкон медиҳад, ки шахсияти устувор ва боэътимод шавад.

Яке аз сабабҳои аслии ҷалби ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротӣ ва амалҳои номатлуб маҳз дур мондан аз тарбияи оилавист. Ҳангоми заиф шудани робитаҳои оилавӣ, набудани назорати дурусти волидайн ва муҳити солими иҷтимоӣ, ҷавонон метавонанд ба таъсири манфии муҳити беруна гирифтор шаванд.

Барои пешгирии чунин равандҳо ҷомеа бояд ба таҳкими оила аҳаммияти бештар диҳад. Мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои иҷтимоӣ бояд ҳамкориро бо оилаҳо тақвият бахшида, барои баланд бардоштани маърифати падару модарон ва муҳити тарбиявии фарзандон талош намоянд.

Хулоса, оила на танҳо таҳкурсии инсони комилро мегузорад, балки ҷомеаро аз таъсири равияҳои бегона ва хатарҳои ҷаҳонишавӣ муҳофизат мекунад. Агар ҳар як фарди ҷомеа ба нақши оила ва масъулияти худ дар тарбияи насли нав аҳаммият диҳад, метавонем ҷомеаи устувор, муттаҳид ва бофарҳангро рушд диҳем.

*Умарҷон ҶАЛОЛОВ,*
*омӯзгори Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент*

ОЛАМИ ХАЗАНДАҲО

# Аз каждум эҳтиёт бояд кард

Дар синфҳои 7-8 аз фанни зоология мавзуи «Синфи тортанакшаклон» тибқи барномаи таълимӣ омӯзонида мешавад.

Бояд гуфт, синфи тортанакшаклҳое, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ ва аксар вақт одамро ба бемориҳои вазнин гирифтор мекунанд, қарокурт, ғунда ва каждум мебошанд. Ғунда ҳашароти заҳрдор мебошад. Махсусан, ғундаи модина барои инсон ва ҳайвонот хеле хатарнок аст. Ғунда бештар дар водию доманакӯҳҳо, биёбон ва дар наздии роҳҳо зиндагӣ мекунад.

Пас аз газидани ғунда одам дар давоми 2-3 рӯз ба ҳалокат мерасад. Заҳри ғунда марговар буда, ҳатто шутуру асп ва аспҳои ёбоӣ аз он ба ҳалокат мерасанд. Бинобар ин, аз ғунда эҳтиёт шудан лозим аст.

Каждум хазандаи заҳрдори ноҳияҳои ҷанубӣ ва тропикии кураи Замин аст, ки онро табақаҳои васеи аҳолӣ аз сабаби заҳрдор будан ва шакли махсус доштанаш нағз медонанд. Ҳоло дар ҷаҳон қариб 500 намуди каждум маълум аст, ки ба 77 авлод дохил мешаванд. Дар Тоҷикистон 10 намуди каждумро дидан мумкин аст. Аз ҳама бештар дар Осиёи Миёна, махсусан, дар Тоҷикистон каждумҳои рангашон зард васеъ паҳн гардидааст.

Зоҳиран каждум ба харчанги дарёӣ монанд буда, баданаш аз сарсинаю шикам иборат аст. Дар пеши қисми сари сина ду пой анбӯрмонанд ҷой гирифтааст, ки дар асл ҷоғи болои тағйирёфта мебошанд. Каждум бо як ҷуфти пойи анбӯрмонандаш туъмаашро реза-реза мекунад. Заҳри каждум моеи шаффофи беранг буда, реаксияи турш дорад ва аз маҷмуи сафедаҳои заҳрдор иборат аст. Каждуми зарди осиёимиёнагӣ дар як неш задан 0,02 мг заҳр хориҷ мекунад. Каждум ҳам ба мисли бисёр дарандагони заҳрдор вақти шом ва шабона ба шикор мебарояд. Онро рӯзона дидан кам муяссар мешавад, зеро дар таги сангҳо, тарқиши замину деворҳо ва ғорҳо пинҳон мешавад. Хӯроки каждум ҳашароти гуногун, тортанакҳо, ғунда, каждуму калтакалосҳои хурд мебошад.

Каждум туъмаро бо пойи анбӯрмонандаш дошта, қисми қафои шикамашро ба мисли мили камон хам карда, нешашро сахт ба бадани сайдаш мехалонад.

Сайд аз заҳри каждум беҳаракат шуда, каждум онро қисм-қисм карда, шираи баданашро мемакад. Баъзан каждум ба ҷойи хоби одамон, ба дохили либосу пойафзоле, ки шабона кашида мемонанд, даромада, ба ҳамин восита одамро газида заҳролуд мекунад. Аз рӯйи баъзе маълумот, беш аз 80 нафар бемори каждум заҳрзадаро дар Тоҷикистон ба қайд гирифтаанд.

Ҳодисаҳои нешзании каждум бештар дар хонаҳои деворҳояшон похсагини бомашон бо наю бурё пӯшонидашуда рӯй медиҳад.

Неш задани каждум аз моҳи феврал то ноябр давом мекунад, вале нешзании бештари онҳо ба моҳҳои май ва июл рост меояд.

Аз заҳр задани баъзе намудҳои каждум ҷойи халидаи неш сахт дард ва варам мекунад. Чунин заҳролудкунии каждум ба заҳролудкунии мори сиёҳ монанд мебошад.

Ҳодисаҳои заҳролудшавӣ, одатан, баъд аз як соати неш задан пайдо мешаванд ва ба мумкин аст, ки як шабонарӯз ва ҳатто бештар давом ёбад.

Ба мо зарур аст, ки дар фасли баҳор то тирамоҳ, дар вақти кору истироҳат худро аз каждуму ғундаи заҳрнок эҳтиёт кунем.

*Шариф АРАБОВ,*
*омӯзгори биологияи МТМУ №21-и ноҳияи Варзоб*

**Дар шаҳри Хуҷанд тахти унвони «Пирях – манбаи оби ширин» озмун доир шуд.**

МУҲИТИ ЗИСТ

# Маърифати экологӣ – сарчашмаи ҳаёти солим

**Инсоният ҳамеша бо табиат муносибати дуҷониба дошта, аз об, хок, оташ, фазо, олами набототу ҳайвонот, иқлим, сарватҳои табиӣ барои қонеъ гардонидани талаботи худ васеъ истифода мебарад. Васеъ ва бешуурона истифодабарӣ боиси харобшавӣ ва ифлосшавии табиат гардидааст. Одатан, одамон ҳангоми муносибат ба табиат таъсири худро нисбат ба маҳал, муҳит, равшан ҳис намекунанд ва ё нисбат ба онҳо бетафовут менигаранд. Ҳоло бошад, ифлосшавии муҳити зист хосияти умумиҷаҳонӣ гирифтааст. Афзоиши ифлосшавии муҳити зист боиси пайдоиши хавфу хатари раванди муътадилии низоми биосфера, аз ҷумла, инсоният мегардад.**

Дар замони муосир таъсири инсон ба табиат босуръат афзуда истодааст. Дар сатҳи сайёраи Замин ягон нуқтаеро дарёфт кардан мумкин нест, ки ба он таъсири фаъолияти гуногунҷанбаи инсон нарасида бошад. Аз ин хотир, дар назди инсоният мушкилоте ба вуҷуд омадааст, ки тамоми ҷомеаи ҷаҳониро таҳдид мекунад, ба монанди сӯрохшавии қабати озонӣ, тағйирёбии иқлим, хушксолӣ, нарасидани оби тозаи нӯшокӣ, нестшавии гуногунии биологӣ, обшавии пиряхҳо ва ғайра. Солҳои охир бо мавҷудияти ҷиддӣ будани масъалаи ифлосшавии табиат, мутафаккирон ин масъаларо дарк ва натиҷагирӣ намуда, барои пешгирии хатари экологӣ чораҳои аввалиндараҷаро меандешанд. Яке аз роҳҳои асосии ташаккули маърифати экологии ҷомеа ва солимии аҳолӣ бо роҳи фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби мутахассисони соҳа дар амал иҷро намудани нишондиҳандаҳои зерин мебошанд:

**1. Ба воситаи таълим дар шуури ҳар як оила ҷорӣ намудани ҳисси миллии маърифати экологӣ.** Агар ба шарҳи мафҳуми маърифати экологӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ намоем, он пеш аз ҳама, ба сифати раванди таълим эҳтиёҷ дорад. Сифати раванди таълим бо мақсади баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ ва таъмини омӯзгори асили соҳаи экология, дар муассисаҳои таълимӣ такя менамояд. Дар баробари қабул намудани омӯзгори асили соҳаи экология дар муассисаи таълимӣ сифати раванди таълим дуруст ба роҳ монда шуда, насли наврас дар оянда оид ба табиат, инкишофи тафаккури миллии экологӣ ва баланд бардоштани фарҳангу маданияти экологӣ иттилоӣ дуруст мегиранд. Масалан, муаллим дар мактаб шахси масъул оид ба тарбияи экологӣ буда, хонандагонро ба тозаю озода нигоҳ доштани синфхона, мактаб, васоити дарсӣ, гулу растаниҳои мактаб ва ба гирду атрофи он ҳидоят менамояд. Дар баробари ин, корҳои беруназсинфӣ дар боғи мактаб, нигоҳубини гулу дарахтон дар дили хонандагон ҳисси зебоипарастиро бедор намуда, дар сайқал додани дониши экологӣ мусоидат менамояд. Дониши экологӣ бошад, бахши маърифати ҷамъиятиест, ки ба истифодаи бошууронаи табиат ва таъмини муҳити зисти бехатар барои инсон равона шудааст. Ва оҳиста-оҳиста бо гузашти вақт ҷомеа аз маърифати экологӣ баҳравар шуда, барои беҳтар гардонидани солимии худ кӯшиш ба харҷ медиҳад, то ки ба табиат дуруст рафтор карда шавад.

**2. Мафҳуми тарбияи экологиро дуруст дарк намудан зарур аст.** Чунки яке аз заминаҳои асосии баланд бардоштани некуаҳволии ҷомеа тарбияи маърифати экологии аҳолӣ мебошад.



Инсон ҳанӯз аз замони пайдоиш ба тарбия, махсусан, тарбияи экологӣ эҳтиёҷманд буд, ҳаст ва мемонад. Ҷанбаҳои тарбияи инсон хеле гуногунанд. Дар қатори гирифтани тарбияи маънавӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳуқуқӣ, гирифтани тарбияи экологӣ низ зарур аст. Ин мавзӯъ талаботи замони муосир гаштааст. Барои ноил шудан ба ҳамоҳангии инсон бо табиат яке аз шартҳои муҳимми маърифатноккунонии экологӣ шумурда шуда, зарурати тамоми умр сурат гирифтани тарбияи маърифати экологӣ ба миён меояд.

Дар ҳама давру замонҳо мутафаккирон дуруст дарк кардаанд, ки инсон ҷисми ҷудонашавандаи табиат аст ва бе он зиндагӣ карда наметавонад. Масалан, бе мавҷудияти офтоб, об, хок, фазо, олами набототу ҳайвонот мавҷудияти инсон дар сайёраи Замин ғайри имкон аст. Мавҷудияти ҳама унсурҳои асосии табиат оташ, об, хок, фазо дар пайдоиши якдигар сабаб шуда, яке дигареро барқарор менамояд. Дар байни ҳама унсурҳои асосии табиат, оташ, яъне, Офтоб, дар пайдоиш ва мавҷудияти унсурҳои дигар нақши бағоят муҳимро дорост. Чунки Офтоб як ҷисми муқаррарии тафсон буда, тағйирёбии шабу рӯз, ивазшавии фаслҳои сол, мавҷудияти гармӣ, ҳарорат, намӣ, боришот, бод, об, хок, ҷинсҳои кӯҳӣ, сарватҳои табиӣ, гуногунии биологӣ аз нурафкании он ба сатҳи замин ва қувваи кашиши байни онҳо вобастагии ниҳоят бузург дорад.

Илова бар ин, об ҳам як ҷузъи таркибии табиат буда, сарчашмаи мавҷудияти ҳаёт дар сатҳи сайёраи Замин ба ҳисоб меравад. Ҳоло 80 кишвари олам аз нарасидани оби нӯшокӣ мушкилӣ мекашанд. Дар умум, ҳар як ҷузъи таркибии табиат ба худ хусусияти хоси муҳим дошта, донистан, дарк намудани табиат вазифаи ҳар як фарди аҳолии сайёра аст.

Дар хонандагон ташаккул додани ҳисси масъулиятнокӣ нисбат ба тозагии муҳити атроф ва зебо нигоҳ доштани муҳити зист, дар дарку шуури толибилмон ҷой кардани масъалаи он ки тозаву озода нигоҳ доштани муҳити зист гарави саломатию осудагии инсон аст, хеле муҳим мебошад.

Толибилмон аз давраҳои наврасӣ бояд донанд, ки аксарияти бемориҳои сироят-кунанда дар натиҷаи ифлос шудани муҳити экологӣ сар мезананд. Дар раванди тарбияи экологӣ хонандагонро бовар кунонидан лозим аст, ки табиат бо олами наботот, ҳайвонот, парандаҳо, ҷангалҳо, дарахтон, гулу гулбуттаҳо зебо мебошад. Ба онҳо ғамхору дилсӯз будан қарзи шаҳрвандии ҳар яки мост.

Хулоса, барои рушди ҷомеаи устувору солим, баланд бардоштани тафаккури миллии экологии аҳолӣ, омӯзгорон ва мутахассисони соҳаро зарур аст, ки маърифатаи насли наврасро баланд бардоранд. Зеро ҳадафи асосии тарбияи маърифати экологӣ дар ҷаҳони муосир ба хотири рушди ҷомеаи устувор ба роҳ монда шудааст.

*Фирдавс ШАРИФОВ,*
*омӯзгори МТМУ №3-и*
*ноҳияи Рашт*

ТАШАББУС

# Ҳифзи пиряхҳо – раҳоӣ аз офатҳои хатарзо

**Тоҷикистони офтобии мо, воқеан, макони обҳои зулол ва кишвари чашмаю дарёҳои пок аст. Ватани азизи мо, аслан, кишвари кӯҳсор буда, 93 дарсади онро кӯҳҳо ташкил менамоянд. Маҳз ҳамин қуллаҳои кӯҳҳои осмонбӯс сарчашмаи захираҳои об, бахусус, барфу пиряхҳо мебошанд. Мояи ифтихори мост, ки Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ аз рӯйи захираҳои об дар ҷойи аввал қарор дорад. Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳои ташаббускори ҷаҳон дар масъалаи ҳаллу фасли мушкилоти глобалии об махсуб меёбад.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2015 аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид чунин гуфта буданд: «Ҳамагон бояд бидонед, ки қимати об аз нафту газ ва дигар захираҳои сӯзишворӣ ва манбаъҳои нерубахш барои устувории оянда кишварҳои минтақа камтар нест».

Гармшавии ҳарсолаи иқлим ва обшавии пиряхҳо ба ҳам алоқаманданд мебошанд, яъне, ҳар қадар иқлим ба гармшавӣ бештар рӯ ба рӯ шавад, суръати обшавии пиряхҳо зиёдтар мегардад ва ба рӯзгори инсоният хатарҳои зиёдро эҷод мекунад.

Бояд таъкид намуд, ки ҳанӯз моҳи августи соли 1981 олимони иқлимшинос ин хатарро таъкид карда буданд. Дар он давра онҳо сабаби асосии гармшавии иқлимро дар афзоиш ёфтани газҳои гулхонаӣ дар атмосфера медонистанд. Баъдтар омилҳои дигар, ба монанди тӯфони электромагнитӣ, ифлосшавии сатҳи манбаъҳои об, афзоиши масоҳати хатҳои баландшиддати барқ низ ҳамроҳ шуданд. Олимон собит намуданд, ки сабаби дигари бо суръати тез об шудани пиряхҳо аз ҳад зиёд шудани хокборӣ, яъне, шамоли серчангу ғубор мебошад. Чангу ғубор болои пиряхҳо таҳнишин шуда, сабаби ифлосшавӣ ва бо суръати тез об шудани пиряхҳо мегардад.

Мутобиқи маълумоти муҳаққиқони соҳа, дар давоми 200 соли охир дар натиҷаи афзудани истифодаи сӯзишвориҳои карбондор (нефт, газ, ангиштсанг) ва буридани дарахтзорон ҳаҷми оксиди карбон дар атмосфера 3 фоиз боло рафтааст. Ба андешаи олимон, яке аз роҳҳои кам кардани газҳои парникӣ зиёд намудани масоҳати дарахтзор мебошад. Собит гардидааст, ки як дарахт соле ба ҳисоби миёна 6 кило гази карбонатро фурӯ мебарад ва дар муддати 40 сол қариб ба 250 кило мерасад. Мувофиқи маълумоти олимони соҳаи биология, як гектар ҷангали кӯҳсор соле то 40 тонна оксиген ихроҷ намуда, 4,6-6,5 тонна гази карбонатро фурӯ мебарад.

Аз баъзе маълумоти таърихӣ равшан мегардад, ки соли 1930 қариб 23 фоизи ҳудуди кишвари моро ҷангалзор ташкил медод, ҳоло бошад, ҳамагӣ 3 дарсадро ташкил медиҳад.



Бузургтарин пиряхи Тоҷикистон пиряхи Федченко мебошад, ки ба масофаи 1 км кӯтоҳ шуда, аз оғози асри XX қариб 5 км ях талаф ёфтааст. Ҳар сол офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти мамлакат зарари калон мерасонанд, инчунин, дар бисёр маврид талафоти ҷониро низ ба бор меоранд. Бо суръати тез об шудани пиряхҳо боиси кам шудани ҳаҷми оби дарёҳо гардида, ба иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла, энергетика, кишоварзӣ ва саноат таъсири манфӣ мерасонад.

Бо ташаббуси Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Соли 2025-Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон карда шуд. Инчунин, ҳамасола 21 март ҳамчун «Рӯзи ҳифзи пиряхҳо» ҷашн гирифта мешавад. Мувофиқи маълумоти олимон, имрӯзҳо дар тамоми ҷаҳон тахминан 1,5 миллиард одам дастрасӣ ба оби ошомиданӣ надорад.

Боиси ифтихор аст, ки имрӯз дар Тоҷикистон бахри ҳифзи пиряхҳо чораҳои зиёд андешида шуда истодаанд. Истифода аз электромобил, электробус, микроэлектробусҳо, истифода аз энергияи офтоб ва ғайра воситаҳое мебошанд, ки ба босуръат обшавии пиряхҳо монеъ мегарданд.

Обро бояд ҳамеша пок нигоҳ дошт ва аз олудашавӣ муҳофизат кард.

*Сабзагул ХУРОМОНОВА,*
*омӯзгори МТМУ №12-и*
*ноҳияи Рошткалъа*

Дар шаҳри Ҳисор маҳфил-озмуни «Шоҳнома Ватан аст!» баргузор гардид.

*Наояд зи марди хирад кори бад,*
*Хирад хом гуфторҳоро пазад.*

*Абулқосими Фирдавсӣ*



ОЛИМОНИ МО

# Домони мақсуд ояд ба даст...

**Зиндагинома ва фаъолияти доктори илмҳои филологӣ, профессор Мурод Муродӣ барои атрофиёну ҳамкоронаш, аслан, чун як мактаб аст. Мактаби омӯзиш, мактаби худшиносӣ, мактаби иродатмандӣ дар роҳи мақсуд. Чун ба фаъолияти илмиву таълимии муҳаққиқ Мурод Муродӣ назар меандозем, махсусияти онро ба осонӣ пай мебарем.**

Мардуми тоҷик аз азал ба сухан ва қалам эътимоду эҳтиром доранд. Муҳаббат ба сухану суханварӣ, қаламу қаламкашӣ барои қаҳрамони мо низ чун як фарзанди худогоҳу худшиноси ин миллат ирсист. Ва дар ҳамин руҳия профессор Мурод Муродӣ ҳам тарбияи хонаводагӣ гирифтаву ҳам тарбияи мактабӣ. Кӯшидааст, ки суханварону қаламкашонро худ шиносаду ба дигарон ҳам шиносонад, чӣ гуфтану чаро гуфтан ва кай гуфтани онҳоро ба насли нав фаҳмонад. Толошаш ҳадафмандонаву бомаром аст. Дар ин роҳ аз муаллимони мактабиву донишгоҳияш ҳамеша ёд меорад, заҳмати онҳоро дар ташаккули шахсияти хеш зикр мекунад. Хосса, нақши устоди роҳнамояш, профессор Воҳид Мирашӯрович Асрориро дар сарнавишти хеш бо муҳаббату самимият таъкид менамояд.

Профессор Мурод Муродӣ муҳаққиқу муаллими журналистика, роҳнамои соҳибназару соҳибмактаби муҳаққиқони журналистика ва публитсисти соҳибқаламу сухандон аст. Олиме, ки таҳқиқаш илм, таълимаш самар, роҳнамоияш баракат, суханаш вазн, публитсистикааш ҳадафи созанда дорад. Ин ҳама, дар маҷмуъ, симо ва шахсияти ӯро муаррифӣ месозад. Баробари хатми Донишгоҳи миллӣ (он замон Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон) донишу маҳорати шогирди худро ба эътибор гирифта, устодони ҷовидном Воҳид Асрорӣ ва Пайванди Гулмуродзода мавсуфро ба аспирантура дар риштаи журналистика тавсия доданд. То дохилшавӣ ба аспирантура Мурод Муродӣ дар истеҳсолот, хидмати ҳарбӣ ва таълими насли наврас дар мактаби миёна таҷриба дошт. Зиндагиву фаъолияти баъдинаи номбурда ба донишгоҳ пайванд гирифт. Чун дар роҳи илму дониш иродаи қавӣ дошт, мушкилоти давр ӯро аз ин ҷода берун карда натавонист. Ҳамин иродатмандӣ буд, ки Мурод Муродӣ тавфиқ ёфту комёб гардид. Ба қавли Шайх Саъдӣ:

***Нобурда ранҷ ганҷ муяссар намешавад,***
***Музд он гирифт, ҷони бародар, ки кор кард.***

Дар муддати муқарраршуда тавонист, ки рисолаи номзадии худро дифоъ кунад. Мавзуи таҳқиқи илмияш ба ташаккули жанри тақриз дар матбуоти солҳои 20-уму 30-юми асри XX бахшида шуд. Муқарризону муҳаққиқони соҳа ба кори илмиаш баҳои баланд доданд. Мурод Муродӣ афсӯс меҳӯрд, ки дар чунин рӯзи хуш дар паҳлуяш роҳбару роҳнамояш, профессор Воҳид Асрорӣ (ҳамагӣ ду ҳафта пеш аз ҳимояи шогирд ба раҳмати Ҳақ пайваст) нест. Мурод Муродӣ соли 1996 баъди ҳимояи муваффақона фаъолиятро ба ҳайси муаллими кафедраи матбуот, муовини декани факултети журналистика оид ба илму тарбия оғоз кард. Аз аввалин рӯзҳои фаъолияти устодиву ташкилотчигӣ муҳаққиқи ҷавон худро дар байни ҳамкорон ҷиддиву собитқадам нишон дод. Усули таълими муаллими ҷавон Мурод Муродӣ писанди шогирдон гардид. Ҳамин буд, ки баъди чанде муовини декан оид ба таълим таъйин гардида, малакаву маҳорати худро дар самти танзими низоми таълим низ сайқал дод. Соли 1999 аҳли кафедраи матбуот муҳаққиқи ҷавон Мурод Муродиро якдилона мудири кафедра интихоб карданд ва ин тасмими аҳли кафедраро Шурои олимони донишгоҳ низ ба хушӣ пазируфт. Дар фаъолияти донишгоҳии муаллим ва муҳаққиқи ҷавон саҳифаи наве боз гардид. Аввалин иқдоми мудири ҷавон ба донишҷӯён пешниҳод кардани дастуру васоити таълим буд. Қаблан аксари маводи таълимӣ оид ба журналистика бо забони русӣ буду адабиёти тоҷикӣ ангуштшумор. Муаллим Мурод Муродӣ ин иқдомро аз кафедра оғоз карда, онро барои худ ба анъана табдил дод. Ва дар самти таълифи китобу дастур, васоити таълим Мурод Муродӣ на танҳо анъанаи устодон Асадулло Саъдуллоев, Абдусаттор Нуралиев, Иброҳим Усмоновро идома дод, балки бо онҳо ҳамқадам гардид. Ба гунаи мисол метавон аз чунин китобҳои таълимии навиштаи муаллим Мурод Муродӣ ном бурд: «Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист» (ҳаммуаллиф), «Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист» (қисми 12), «Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ», «Сотсиологияи журналистика», «Аз замон то замон», «Асосҳои эҷоди журналистӣ», «Аз се шохаи як илм»... Аз осори таълимии мазкур имрӯз на танҳо донишҷӯёни журналистшавандаи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, балки кормандони эҷодии воситаҳои ахбори омма низ истифода мебаранд. Дар баробари таълими шогирдон, муаллим Муродӣ ҳаҷви публитсистиро мавриди пажуҳиши худ қарор дода, самти наверо дар илми журналистикаи тоҷик кушод. Дар ин шохаи илмӣ тоҷик то муҳаққиқ Муродӣ касе ба масъалаву муаммоҳои таърихи ташаккули ҳаҷви публитсистӣ даст назадааст. Ҳосили таҳқиқоти илмии пажуҳишгар дар шакли рисолаи докторӣ соли 2009 бомуваффақият ҳимоя шуд. Аҳли таҳқиқ бо осори илмии мавсуф бо номи «Тақриз ҳамчун жанр», «Ҳаҷви публитсистӣ», «Баъзе масъалаҳои журналистика ва ҳаҷви публитсистӣ», «Аз таърихи ташаккул ва инкишофи ҳаҷви публитсистӣ дар матбуоти даврии тоҷик», «Ҳаҷви публитсистӣ дар матбуоти даврии тоҷик: муаммоҳои таърих, назария ва амалия» (бо забони русӣ), «Публитсистикаи ҳаҷвӣ», «Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ», «Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ», «Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон» (ҳаммуаллиф), «Эъҷози эҷодкор», «Метод ва методологияи таҳқиқи илмӣ», «Краткая энциклопедия журналистики Таджикистана» (ҳаммуаллиф), «Публитсистикаи тоҷик» шиносанд. Ин таҳқиқот, дар ҳақиқат, самти наве дар илми публитсистикаи тоҷику муаллиф дар ин ҷода соҳибмактаб шинохта шуд. Фармудаи барҳақи Мавлоно Ҷомӣ муаллиму муҳаққиқ Мурод Муродиро илҳомбахш будааст:



***Сидқ мебояд ба ҳар коре, ки ҳаст,***
***То фитад домони мақсудат ба даст.***

Дигар аз самтҳои фаъолияти профессор Мурод Муродӣ роҳнамоии муҳаққиқони ҷавони журналистика мебошад. Агар касе дар ҷумҳурӣ дар 25 соли охир дар риштаи журналистика рисола дифоъ карда бошад, пас ҳатман аз маслиҳату машварати профессор Муродӣ баҳравар гардидааст. То кунун 1 нафар рисолаи докторӣ ва 19 нафар таҳти роҳбарии эшон рисолаи номзадӣ ҳимоя карда, 5 нафари дигар дар ин самт пайи таҳқиқанд. Дар баробари соҳибмактаб будан, ба даҳҳо муҳаққиқони дигар дасти ёриву маслиҳат додааст. Дар муҳокимаи рисолаҳои илмӣ хеле ҷиддӣ буда, камтарин иштибоҳи илмиро ошкор намуда, барои ислоҳи он маслиҳатҳои муфид медиҳад. На танҳо эрод мегирад, балки дар нақшагирии мавзуи рисола, бартараф кардани иштибоҳоти илмӣ ба муҳаққиқони ҷавон беғаразона роҳнамоӣ мекунад ва таҳқиқоти чандин нафарро ба сифати муқарризи расмиву ғайрирасмӣ арзёбӣ кардааст. Профессор Мурод Муродӣ чун узви Шурои диссертатсионии Д. 737.004.03 доир ба ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадии назди ДМТ (Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия) ва Шурои диссертатсионии 6D. КОА022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар тарбияи муҳаққиқони ҷавон бо маслиҳату раҳнамоиҳо саҳми муносиб мегузорад.

Профессор Мурод Муродӣ 12 сол кафедраи матбуоти факултети журналистикаи ДМТ-ро сарбаландона роҳбарӣ кард. Ҳар комёбие, ки ин кафедра имрӯз дорад, бо ном ва фаъолияти профессор Муродӣ тавъам аст. Профессор М. Муродӣ дар муддати 12 сол ба сифати раиси Шурои методии факултет, узви Шурои методии донишгоҳ фаъолияти мондагореро анҷом медиҳад. Пеш аз ҳама, дар такмилу танзими нақшаву барномаҳои таълимӣ, таҳияву баррасии воситаву дастурҳои таълимӣ, ҷоришавии усулҳои муосири таълим нақши созанда дорад. Ҳамкорон, бахусус, устодони ҷавон пайваста аз маслиҳату машварати методиву таълимиаш истифода мебаранд. Маҳз бо ибтикороти мавсуф миёни шогирдон доир ба ҳусну қубҳи усулҳои таълим, маҳорати дарсдиҳии устодон назарпурсиҳо сурат гирифта, мавриди баррасии садорат ба ҳайати устодони факултет қарор мегиранд. Ва муҳимтар он аст, ки муаллим Муродӣ худ дар баробари устоди сахтгир будан, ҳар дарсро бо маҳорату тайёрии махсус мегузарад, беҳтарин усулҳои таълиму тарбияро истифода мебарад. Натиҷаи ҳамин аст, ки ҳамкорон дар симояш ҳамкори маслиҳатгару мушкилкушо, шогирдон устоди донишманду меҳрубонро мебинанд. Фаъолияти публитсистии профессор Мурод Муродӣ низ барои ҳамкорону аҳли таҳқиқ намуна аст. Мавсуф пайваста доир ба сиёсати маорифпарваронаи Давлату Ҳукумат, дастовардҳои замони истиқлол, масъалаҳои худшиносиву худогоҳӣ, арзишҳои маънавӣ ва амсоли инҳо аз тариқи воситаҳои ахбори омма андешаҳои худро баён медорад. Дар публитсистикаи муҳаққиқ Муродӣ муаммову мушкилоти таълиму тарбия мавқеи марказиро ишғол мекунанд. Ва суханаш созандаву ҳадафмандона аст, дар он пайванди дирӯзу имрӯз ва пешомади фардо бо ҳам омадаанд. Ба Аълочии матбуот, Аълочии фарҳанг, Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ, дорандаи медали «Хизмати шоиста», омӯзгори беҳтарини ДМТ дар соли 2021, олими соли ҷумҳурӣ дар соли 2025, доктори илмҳои филологӣ, профессор Мурод Муродӣ саломативу сарбаландӣ, саодати рӯзгор ва дастоварду комёбиҳои бештар дар зиндагиву фаъолият таманно дорем.

***Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,***
***Сангин ГУЛОВ,***
***устодони ДМТ***

ҲАМОИШ

# Таваҷҷуҳ ба омӯзиши фанҳои дақиқ

Бо ибтикори шуъбаи маорифи шаҳри Норак дар гимназияи 1-и шаҳр дар мавзуи «Нақши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар» ҳамоиш баргузор гардид. Дар он намояндагони раёсати маорифи вилояти Хатлон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Норак, кормандони шуъбаи маориф, омӯзгорони фанҳои дақиқ, директорони мактабҳо ва хонандагони фаъоли шаҳр ширкат доштанд.

Муовини раиси шаҳри Норак Насиба Фароғатзода зикр кард, ки Истиқлоли давлатӣ ба рушди такомули бесобиқаи соҳаи маориф дар Ватани азизамон мусоидат кард. Ҳамасола бо ҳадафи пешрафти ҳаматарафаи ин соҳа аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тадбирҳои ҷиддию натиҷабахш андешида мешаванд. Эълони солҳои 2020-2040 ҳамчун «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» аз ибтикороту ташаббусҳои муҳимми Сарвари кишвар буда, марҳалаи наверо дар омӯзиши фанҳои мазкур, ки махсусан, дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегии мамлакат-саноатикунонии босуръати кишвар нақши меҳварӣ дорад, ифтитоҳ бахшидааст.

Дар идомаи конференсия иштирокдорон бо намоиши васеи дастовардҳои илмию методӣ ва таълимию эҷодии омӯзгорони фаъоли шаҳр аз тамоми мактабҳо шинос шуда, ба саволҳои худ аз мутасаддиён ҷавобҳо дарёфтанд. Ба вижа, гӯшаи намоиши дастуру китобчаҳои методие, ки омӯзгорони фанҳои дақиқ таҳия ва чоп кардаанд, таваҷҷуҳи бештари ҳозиринро ҷалб намуд.

Дар доираи барномаи конференсия дар бахшҳои алоҳида (фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ) беш аз бист маърӯза шунида, мавриди баррасию мулоҳизарониҳо қарор дода шуд.

Дар қисмати дигари конференсия дар синфҳои 4, 7, 10 аз ҷониби чанде аз омӯзгорони соҳибтаҷриба дарсҳои кушод аз фанҳои табиатшиносӣ, алгебра ва биология баргузор карда шуданд. Ин дарсҳо ифодагари навовариҳои омӯзгорон ва маҳорати баланди педагогии онҳо буданд.

***А. МУРОДӢ,***
***«Омӯзгор»***

**Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3780 коргоҳу корхонаи истеҳсолӣ фаъолият менамояд.**

*Зи роҳи хирад ҳеҷ гуна матоб,*
*Пушаймонӣ орад дилатро шитоб.*
*Абулқосими Фирдавсӣ*

«Омӯзгор»
№18, 1 майи
соли 2025



ТАҲҚИҚ

# Дарёфти як рисолаи гумноми таърихӣ

**Чанде қабл аз нашр шудани ду асари нави таърихии Абдуқодир Муҳиддинов, ки то имрӯз номаълум буданд, пайки шодӣ ва хабари тоза расид. Моҳи декабри соли 2024 яке аз ин асарҳо таҳти унвони «Ба деҳқони Тоҷикистон Ӯктабир чӣ дод?» дарёфт шуда, ба аҳли илму адаби ҷумҳуриамон ҳамчун туҳфаи нодиру пурқимат пешкаш гардид.**

Абдуқодир Муҳиддинов (1892-1937) ходими намоёни ҳизбӣ, арбоби машҳури сиёсӣ, ходими маъруфи илму адабиёт маҳсуб меёфт. Бино ба ахбори устод С. Айнӣ, вай аз овони наврасӣ ва ҷавонӣ рӯзгори тираву тори сохти феодалии Аморати Бухороро ҳадафи танқиди шадид қарор дода, перомуни он дар саҳифаҳои рӯзномаи «Вақт» бо имзои мустаори «Бухоройӣ» силсилаи мақолаҳо нашр менамуд.



Маҳз аз ҳамон вақт фаъолияти сиёсиву публитсистии Абдуқодир Муҳиддинов оғоз меёбад. Пас аз ғалабаи Инқилоби Бухоро чанд муддат муҳаррири рӯзномаи «Қутулиш»-и органи Ҳизби коммунистии Бухоро буд.

Мавсуф дар таълифи мақолаҳои сершумор ба забони тоҷикӣ нақши бузург ва назаррас мегузорад. Алалхусус, мақолаҳои калонҳаҷм ва аз ҷиҳати илмӣ пурқимати ӯ – «Фикрҳои мо дар бораи забони адабии тоҷикӣ» («Тоҷикистони Сурх», 1929), «Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё ӯзбак?» («Роҳбари дониш», 1928; - № 8; «Тоҷикистони Сурх; - 1928, № 12) ва ғайра бо санаду далелҳои боварибахши таърихӣ ва мардумшиносӣ таълиф ёфта, дар замони хеш рисолати бузурги таърихиеро иҷро карда, то имрӯз аҳаммияти илмиву амалиашон коста нашудаанд.

Рисолаи Абдуқодир Муҳиддинов «Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Ӯктабир чӣ дод?» аз 3 боб ва 39 зербоб иборат аст. Боби якуми асар «Инқилоби Октябр» ном дошта, аз 6 зербоб иборат аст, боби дуюми он «Инқилоби Бухоро» ном дошта, аз 7 зербоб таркиб ёфтааст, боби сеюми рисола бошад, «Ҷумҳурии Тоҷикистон» номида шуда, аз 26 зербоб иборат аст.

Боби якуми асар «Инқилоби Октябр» ном дошта, аз 6 зербоб иборат аст: 1) Сабабҳое, ки дар Россия инқилоби иҷтимоиро ҳозир намуд. 2) Ҳаракати инқилобии соли 1905. 3) Ҷанги умумӣ ва аз тахт афтодани императори Россия. 4) Роҳбарии фирқаи иштирокчиён дар бобати «Инқилоби Октябр» ва афтодани ҳукумати муваққатии бойҳо ва барпо шудани ҳукумати шуройӣ. 5) Хулосаи тезиси рафиқ Ленин дар бобати «Вазифаи ранҷбар дар инқилоб». 6) «Ранҷбарӣ ба сари ҳукумат». Ба тарике, дар ин бахш, аз унвони зербобҳо бармеоянд, муаллиф доир ба заминаҳои Инқилоби Октябр ва ҷараёни падид омадани он маълумоти мухтасари таърихӣ медиҳад. Албатта, бардошт ва таҳлилҳои ӯ аз нуқтаи назари он замон сурат гирифтааст.

Боби дуюми рисола «Инқилоби Бухоро» ном дошта, аз 7 зербоб иборат аст: 1) Ҷанги соли 1868 ва тобеъ шудани Бухоро ба Россия. 2) Асос ва усули ҳукуматдории амир. 3) Инқилоби феврал дар Россия ва таъсири он дар Бухоро. 4) Ҳувалмустаъон. 5) Инқилоби Октябр дар Россия ва воқеаи Колесов дар Бухоро. 6) Баъд аз воқеаи Колесов аҳволи амири Бухоро ва фаъолияти ҷавонбухориён. 7) Фаъолияти ҳукумати шуройии халқи Бухоро ва аксулинқилоб. Дар ин боб, муаллиф дар бораи аҳволи Бухоро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX маълумот дода, воқеаҳои муҳимми то сукути ҳукумати амирӣ ва ба мақом расидани ҳукумати навро мухтасар баён кардааст.

Боби сеюми рисола «Ҷумҳурияти Тоҷикистон» ном дошта, аз 26 зербоб иборат аст: 1) Аҳаммияти Ҷумҳурияти Шуройии Тоҷикистон. 2) Замин ва мардуми Ҷумҳурияти Тоҷикистон. 3) Барпо шудани Ҳукумати Ҷумҳурияти Шуройии Тоҷикистон ва вазифаҳои асосии он. 4) Дар роҳи барпо намудани амнияти мамлакат. 5) Намуна аз хатоиҳои босмачиён. 6) Дар роҳи истеҳком додани ҳокимияти ранҷбарони ҳокимияти шуройӣ. 7) Дар шуройи ҷамоатҳо. 8) Дар иҷроияҳои туманҳо. 9) Дар роҳи беҳбудии аҳволи иқтисодии омма ва ба даст овардани маданият. 10) Дойир ба кишти обӣ. 11) Муҳоҷирати дохилӣ. 12) Пахтакорӣ. 13) Қарз ба деҳқонон. 14) Асбоби деҳқон. 15) Мадад ба таҷрибаи деҳқонӣ. 16) Кори пилла-абрешим. 17) Чорводорӣ. 18) Лалмикорӣ. 19) Таъмин намудани омма бо матои фабрика. 20) Дурустии роҳҳо. 21) Мухобара. 22) Корҳои ҳифзуссиҳат. 23) Маориф. 24) Миқдори мактабҳои ибтидоӣ дар соли 1927. 25) Миқдори мактабҳои равшаннамойӣ-сиёсӣ. 26) Кори Нашриёти давлатии Тоҷикистон ва ғайра.

Хулласи калом, аз боздид ва муқоисаи номи зербобҳо бармеоянд, ки Абдуқодир Муҳиддинов дар бораи Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Тоҷикистон ва ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи он маълумоти мухтасари таърихӣ медиҳад.

Ҳамин тариқ, рисолаи Абдуқодир Муҳиддинов «Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Ӯктабир чӣ дод?» нахустин китоб дар бораи Тоҷикистон ҳамчун давлат мебошад ва аз ҳамин нуқтаи назар арзиши баланди илмиву амалиро соҳиб аст. Ҳамзамон, муаллиф андешаҳои худро идома дода, изҳори умед менамояд, ки албатта, пас аз таъсиси ҶМШС дар Тоҷикистон имкон фароҳам хоҳад омад, ки тоҷикон «боз дубора соҳиби маданияти бузург гардида, аз маданияти ранҷбарӣ васеъ истифода намуда, ба ҳамзабонони пасмондаи худ, ки дар хориҷи Тоҷикистон ва берун аз ҷумҳуриятҳои шуройӣ зиндагонӣ мекунанд, ёрмандиҳои илмӣ ва маданӣ бирасонанд». А. Муҳиддинов дар рисолаи хеш перомуни ҶМШС Тоҷикистон чунин маълумоти муфид медиҳад: «Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Тоҷикистон чаҳор вилоят, қисми шарқии Ҷумҳурияти Шуройи пештараи Бухоро ва аз Ҷумҳурияти Туркистон Ӯротеппа, Панҷакент ва Помирро дарбар гирифтааст». Дар Ӯзбекистон ҳам хеле ҷойҳои тоҷикнишин мондааст ва дар дохили Ӯзбекистон шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд аз марказҳои мадании тоҷикон шуморида мешавад». Тазаккур ба ёдоварист, ки А. Муҳиддинов ҳанӯз дар ҳамон давра тақсимоти ноодилонаи ҳудудӣ ва берун аз марзҳои Тоҷикистон мондани тоҷиконро бо боварӣ ишора мекард.

Ҳамин тариқ, пайдо ва дастрас шудани рисолаи нави Абдуқодир Муҳиддинов падидаи беназири илмиву фарҳангӣ ба шумор меравад.

1. Рисолаи навпайдоӣ Абдуқодир Муҳиддинов «Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Ӯктабир чӣ дод?» (Тошканд, 1927. – 62 с.) бояд ҳарчӣ зудтар ба хати кириллӣ баргардон ва нашр карда шавад.

2. Рисолаи мазкур бояд мавриди пажуҳиши бевоситаи муҳаққиқон қарор дода шуда, саҳифаҳои нави таърихи халқи тоҷикро амиқ ва рӯшан намояд.

3. Ҳамзамон, асари дигари нави Абдуқодир Муҳиддиноврo, ки бешубҳа, марбут ба таърихи Бухоро буда, дар рӯзномаи «Бухоро ахбори» ба забони тоҷикӣ нашр шудааст, аз китобхо ё бойгониҳои шаҳрҳои Тошканд ва Москва пайдо намудан амри воҷиб аст.

*Юсуфи ШОДИПУР,*
*дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ*

ҶАШМАНДОЗ



## МАОРИФИ ҶАҲОН

**Дания**

Кӯдакони то 6-солаи Дания дар кӯдакистонҳо ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Баъдан дар зинаи ибтидоӣ таҳсил идома меёбад.

Инчунин, дар ин кишвар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ низ мавҷуд аст, ки донишомӯзони аз 16 то 19-сола ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Муҳассилин дар гимназияҳо барои дохил шудан ба донишгоҳ омодагӣ мебинанд, дар коллеҷҳо бошад, соҳиби касбҳои гуногун мегарданд.

**Индонезия**

Дар Индонезия мактабҳои миёна ба ду марҳала тақсим мешаванд: мактаби миёнаи поёнӣ ва мактаби миёнаи болоӣ. Марҳалаи аввал пас аз хатми зинаи ибтидоӣ оғоз гардида, се сол давом мекунад. Дар марҳалаи дуюм синфҳои 10-12 ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

Ғайр аз ин, дар Индонезия якчанд мактаби машҳур мавҷуд аст, ки SMA Negeri Bunding, SMA Negeri Surabaya, SMA Negeri Yogyakarta аз ин қабиланд. Муассисаҳои номбурда давлатӣ буда, барои дохил шудан ба онҳо хонандагон бояд аз имтиҳони қабул гузаранд.

**Кения**

Донишгоҳҳои Кения маъруфу машҳур буда, Донишгоҳи Найроби яке аз онҳост. Донишгоҳи мазкур соли 1970 таъсис ёфта, дар пойтахти Кения-шаҳри Нейроби қарор дорад. Дар донишгоҳ мутахассисони соҳаҳои гуногун, аз қабили муҳандисӣ, тиббу, иқтисодӣ, ҳуқуқ ва ғайра омода карда мешаванд. Инчунин, дар донишгоҳ китобхонаҳои бузург ва озмоишгоҳҳо фаъолият доранд, ки барои таҳқиқот ва таҳсили донишомӯзон гуногун кумак мерасонанд.

**Перу**

Донишгоҳи миллии Перу соли 1551 таъсис ёфта, аз қадимтарин муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ин мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар ин муассиса забони асосии таҳсил испанӣ мебошад, ки забони давлатии Перу маҳсуб меёбад. Инчунин, дар баъзе аз донишгоҳҳои хусусӣ таҳсил бо забонҳои дигар низ ба роҳ монда шудааст. Донишгоҳҳое, ки дорои барномаҳои таълимии байналмилалӣ ҳастанд, забони таҳсил англисӣ аст. Дар баробари ин, ҳангоми таҳсил забонҳои португалӣ ва фаронсавӣ низ истифода мешаванд, ки барои забондон гардидани донишомӯзон ёрӣ мерасонад.

*Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА,*
*«Омӯзгор»*

ДОНИСТАН ЗАРАР НАДОРАД

# Падидаҳои нодир



Аз ҳама кӯлҳои киштигард, кӯли Титикака дар Америкаи Ҷанубӣ мебошад. Ин кӯл дар баландии 3811 метр аз сатҳи баҳр воқеъ буда, масоҳати 8280 метри мураббаъро ишғол намудааст.

***

Байкал кӯли чуқуртарини олам шинохта шудааст. Ин кӯл 620 километр тӯл кашида, вусъаташ аз 32 то 74 километрро ташкил менамояд. Чуқурии Байкал 1940 метр аст.

***

Дар кӯҳҳои Ҳимолой кӯлҳое мушоҳида шудаанд, ки дар баландии 5000 метр аз оби пиряхҳо пайдо шуда, бо мурури замон нест мешудаанд. Яке аз ҳамин гуна кӯлҳои муваққатиро соли 1984 мушоҳида кардаанд.

***

Сеюми октябри соли 1970 дар Иолати Канзаси Америка жолае борид, ки ҳар як донаи он 750 грамм вазн дошт. Диаметри донаҳои жола 19 сантиметрро ташкил менамуд.

***

Ҳисоб кардаанд, ки кӯли калонтарини зеризаминии об дар чуқурии 60 метр дар сарзамини Намибия (Африка) мавҷуд аст.

***

Дар биёбони Атакамаи Чили 400 сол хушксолӣ давом карда, соли 1971 хотима ёфтааст.

***

Дар кӯҳи Ваиалеал, воқеъ дар ҷазираҳои Гавай, тӯли 350 рӯз дар як сол борон меборад.

*Фароҳамсоз*
*Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»*

**Аз 1 то 6 майи соли равон дар шаҳри Душанбе Фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ – «Наврӯз» баргузор мегардад.**

*Касе, к-ӯ бубинад саранҷоми бад,*
*Зи кирдори бад бозгаштан сазад.*
*Абулқосими Фирдавсӣ*



ЁДВОРА

# Ҳамқисмати Сиёвуш



Шодӣ Асроров 5 июли соли 1945 дар деҳаи Сурхкати Кӯҳистони Мастчоҳ таваллуд шудааст.

Мавсуф соли 1963 баъди хатми мактаби №3 ба номи В. И. Ленини ноҳияи Мастчоҳ (ҳозира МТМУ №3 ба номи Гадо Умаров) ба факултети забон ва адабиёти тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) дохил гардидааст. Ӯ дар ин боргоҳи илму маърифат аз омӯзгорон, донишмандон ва олимони маъруфи тоҷик дарс омӯхтааст.

Олими маъруфи тоҷик, профессор Шарифҷон Ҳусейнзода Шодӣ Асроровро ба тарбияи худ гирифт. Шодӣ Асроров соли 1968 ин боргоҳи илмро бо баҳои аъло хатм намудааст.

Ӯ, ки писари яккаву танҳои падару модар буд, волидонаш мехостанд ба наздашон, ба деҳа ояд. Аз мақсади падару модараш пай бурда, мехост ба деҳа ояд, вале меҳру муҳаббати ба илм ва суханони устодаш Шарифҷон Ҳусейнзода ӯро дар шаҳри Душанбе нигоҳ дошт.

Шодӣ Асроров баъди хатми мактаби олӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз кард. Мақолаҳои илмиаш дар рӯзнома ва китобҳои дастаҷамъии донишгоҳӣ зудзуд рӯйи чоп меомаданд.

Ҳамин тариқ, Шодӣ Асроров соли 1976 рисолаи номзадиашро таҳти роҳбарии Шарифҷон Ҳусейнзода бомуваффақият доир ба достони «Сиёвуш»-и Фирдавсӣ ҳимоя кард.

Соли 1978 бо сабаби беморӣ Шодӣ Асроров ба деҳа баргашт. Акнун тамоми рӯзи Ш. Асроров дар мактаб мегузашт. Ҳангоми фаъолият дар мактаби №11-и ноҳияи Мастчоҳ сифати таълиму тарбия тадриҷан ба туфайли роҳбарии оқилона дар қатори муассисаҳои беҳтарини ноҳия ва вилоят қарор гирифт...

Соли 1987 дар 42-солагӣ қалби Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишманди асил, сарвари оқилу доно ва ташаббускор Шодӣ Асроров аз тапидан монд.

Ин марги нобаҳангом шоири тавонои тоҷик Лоиқ Шералиро ба изтироб оварда буд:

**Ҳама шодии дил**
**нодида рафтӣ,**
**Зи боғи дил гуле**
**ночида рафтӣ,**
**Зи асрори амал огоҳ**
**будӣ, лек,**
**Ба асрори аҷал**
**печида рафтӣ.**

Гарчанде ин олими тавоно ҷавон ба абадият пайваст, мероси гаронбаҳое азхуд боқӣ гузоштааст. Аз ҷумла, «Шоҳбайтҳои «Шоҳнома» (Душанбе: Адиб, 1990) «Ҳамсанги Сиёвуш» (Душанбе, 1997), Сиёвуш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» (Душанбе: Адиб, 2005) ва мақолаҳои илмии методии зиёде таҳияву таълиф кардааст.

Барои гиромидошти ин олими нотакрор МТМУ №11, ки он ҷо чандин сол ҳамчун директори мактаб фаъолият дошт, номгузорӣ шудааст. Ҳамчунин, бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Мастчоҳ, маъмурияти мактаб ва шахсони саховатманд нимпайкараи устод Шодӣ Асроров дар саҳни мактаби мазкур қомат афрохт. Саъдии Шерозӣ бамаврид фармудааст:

**Зиндаву ҷовид монд, ҳар**
**к-ӯ накуном зист,**
**К-аз ақибаш зикри хайр**
**зинда кунад номро.**

*Мирзоюсуф ШАРИФЗОДА,*
*омӯзгори МТМУ №11*
*ба номи Шодӣ Асроровӣ*
*ноҳияи Мастчоҳ*

ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ

**Хонандагон ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ сарфи назар аз ихтисоси интихобкардаашон ба машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш машғул мешаванд.**

Ин дарсҳо барои ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар насли наврас мусоидат мекунанд. Тарзи ҳаёти солим ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти инсонро дар бар мегирад. Баланд бардоштани сифатҳои ҷисмонии хонандагон ҳангоми дарсҳо дар муассисаҳои таълимӣ сурат мегирад.

ки динамикаи мусбатро дар бадани худ бубинад. Ҳамаи гурӯҳҳои мушакҳои бадан дар раванди роҳравӣ иштирок мекунанд ва ҳаракати дуру дароз (зиёда аз як соат) имконият медиҳад, ки хислатҳои ҷисмонӣ-тобоварӣ, қобилияти меҳнатӣ, ирода, тафаккур, ҳамфикрии маънавӣ беҳтар гарданд.

Ҳангоми роҳ рафтан

# Варзиш - гарави саломатӣ

Тарзи ҳаёти солим таҳкими хусусиятҳои муҳимми инсонро дар бар мегирад. Дар рафти нигоҳубини дуру дароз мувофиқи тамоми қоидаю меъёрҳои тарзи ҳаёти солим кори системаи марказии асаб, дилу рагҳо ва нафаскашӣ беҳтар мегардад. Одам барои нигоҳубини бадани худ ҳисси масъулият эҳсос ва ба худ эътимод пайдо мекунад, дигаронро инро пай бурда, мекӯшанд, ки ба ӯ монанд шаванд.

Дар машғулиятҳои ҷисмонӣ маҳорати роҳбарӣ дар ҳар як талаба то андозае инкишоф меёбад.

Яке аз ҷузъҳои тарзи ҳаёти солим тарбияи ҷисмонии солимбахши табобатӣ мебошад. Он метавонад машқҳои гуногунро барои мустаҳкам кардани мушакҳо, инчунин, роҳҳои интихобшудаи сайругашт дар бар гирад. Тарбияи муолиҷавии ҷисмонӣ маҷмуи машқҳои солимгардонӣ буда, саломатии инсон ва оҳанги мушакҳоро мустаҳкам мекунад.

Бо риояи ҳама меъёрҳо ва қоидаҳо, рафтори солим ба шахс кумак мекунад, шумо бояд боаҳаммият бошед, яъне, миёни худро рост нигоҳ доштa, дастҳо ва пойҳоятонро идора кунед, шикамро кашед ва саратонро ба замин ба таври қатъӣ-перпендикуляр амудӣ нигоҳ доред. Тамоми раванди коре, ки одам иҷро мекунад, ба ҳамин хусусиятҳо вобаста аст.

Хусусиятҳои мусбати машқҳои дарозмуддат иборатанд аз беҳтар шудани кори системаи асаб, дилу раг, таҳкими мушакҳои бадан, мустаҳкам кардани мушакҳои дил ва беҳтар кардани гардиши хун, беҳтар намудани ҳолати равонӣ; кам кардани равғани бадан ва беҳтар намудани фаъолияти тартиби нафаскашӣ.

Хулоса, тарбияи ҷисмонӣ омили ҳавасмандгардонии ташаккули устуворӣ ва ҷанбаи бузурги равонӣ буда, ба ташаккули сифатҳои шахсии ҳар як хонанда таъсир мерасонад.

Солимии мо - солимии миллат аст!

*Ҷамшед ТУРСУНОВ,*
*омӯзгори МТМУ №16-и*
*шаҳри Истаравшан*

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

# Кроссворди «Пирях҇ҳои Тоҷикистон»

Хонандагони азиз! Дар ин кроссворд бояд номи 16 (шонздаҳ) пиряхи Тоҷикистон чунон ҷой дода шавад, ки ҳама калимаҳои катакчаҳои он ба таври амудӣ ва уфуқӣ ба ҳам мувофиқат намоянд. Номи пиряхҳо ин аст: **Сардоба, Чатрхам, Меҳварон, Марзбон, Панҷадор, Ванҷях, Ҳисорак, Чашмгир, Намудор, Кайковус, Хамтарма, Помир, Ахтарон, Ориён, Хамях, Покрӯд.**

*Саидалӣ ЁҚУБОВ,*
*омӯзгори МТМУ №50-и шаҳри Ҳисор*




**Ҷавоби муаммои «Калима» аз №17**

**Аз боло ба поён:** 1. Асал. 2. Акка. 3. Ором. 4. Сармоя. 5. Бурҳонов. 6. Бактерия. 10. Инсонӣ. 13. Йорк. 14. Ҳоло. 15. Ваня.

**Аз чап ба рост:** 7. Саркор. 8. Ному. 9. Калима. 11. Мамдӯҳ. 12. Енисей. 14. Ҳаявон. 16. Имон. 17. Роллан.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонии Фаррухи Султонмурод, донишҷӯи курси 4-уми шуъбаи рӯзонаи факултети тиббӣ-ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, ки соли 2021 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №0688287 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2011 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Ҳусейнова Заррина Идибековна додааст, эътибор надорад

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТА №0394584 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2016 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Исоева Рухшона Рустамовна додааст, эътибор надорад


Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на беш тар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА (ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Хотами ҲОМИД 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА (муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА
Хуршеда АЗИЗОВА (шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Суҳроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61 (масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА (ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 42797 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
Х. Ҳомид